ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ



# АНВОРИ ДОНИШ



E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №8 (290) 6-уми майи соли 2019, душанбе (оғози нашр: соли 1994)

# СУХАНРОНИИ

## ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло дар ҷаласаи ифтитоҳии конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати олимону профессорон ва донишҷӯён



**Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати олимону профессорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба санаҳои муҳим ва барои миллати тоҷик сарнавиштсоз, ба қабул гардидани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", оғози амалишавии ҳадафи чорум-саноаткунонии босуръати кишвар, 80-солагии шоири тоҷик - ифтихори ин даргоҳи муқаддас - Саидҷон Ҳакимзода, аз ҳама муҳим қабули сесолаи суботкориҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар маводи ба конференсия пешниҳодгардида вобаста ба равия ва мушкилоти илмии кафедраҳо ва тахассусҳои амалкунандаи донишгоҳ масъалагузорӣ карда мешавад.**

Дар ин рӯзи накӯ бо қаноатмандӣ ва нерӯи созанда зарур медонем, ки аз дастовардҳои илмию таълимии ҳайати олимону омӯзгорон ва донишҷӯён дар соли сипаришуда ёдрас намоем.

Ҳайати олимону омӯзгорони донишгоҳ дар самти татбиқи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ чораҳои зарурӣ андешида, ҷиҳати таъмини татбиқи афзалиятҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ саъю талош доранд. Айни замон, дар 28 кафедраи амалкунандаи донишгоҳ 523 нафар олимону омӯзгорон, аз ҷумла 8 нафар доктори илм, 54 нафар номзади илм, аз инҳо 21 нафар дотсентон, 37 докторантони PhD, 30 нафар аспирантон, зиёда аз 176 нафар унвонҷӯён ва 243 нафар магистрантон аз рӯи 24 равия, 28 проблема ва 32 мавзуъҳои илмӣ, 9 мавзӯи илмӣ-тадқиқотии фармоишӣ барои амалӣ намудани нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаҳои илмҳои мухталиф ба фаъолияти илмӣ машғул мебошанд.

Аз шумори 28 кафедраҳои амалкунандаи донишгоҳ кормандони 27 кафедра ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул буда, ҳамасола ба табъу нашр ва таҳияи рисолаву монография ва китобҳои илмию таълимӣ машғул мебошанд. Танҳо дар давраи ҳисоботӣ аз 523 нафар ҳайати омӯзгорон 457 нафарашон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул мебошанд, ки ин ба 87,3% теъдоди омӯзгорони донишгоҳ баробар аст ва нисбат ба соли гузашта 2% зиёд мебошад.

Бояд гуфт, ки дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон дар соли ҷорӣ раванди илм 16 маротиба, дар ШИМ 14 маротиба ва дар ҷаласаҳои ректорат 9 маротиба муҳокима гардиданд, ки нисбат ба соли гузашта дар маҷмуъ 4 масъала зиёд мебошад.

Дар соли 2018 6 нафар аспирантон ва унвонҷӯёни донишгоҳ рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, фаъолияти нашрӣ ба 843,7 ҷузъи чопӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли гузашта 133,3 ҷузъи чопӣ зиёд мебошад.

Дар самти омода намудани кадрҳои илмӣ ва ба таълиму тарбия фаро гирифтани донишҷӯён саҳми устодон Самариддин Каримов, Ислом Ғуломов, Маҳмадулло Ибодов, Салим Мирзоев, Маҳмуд Абдуллоев, Ҷумъахон Алимӣ, Муҳаббат Иззатова, Хурсанд Аъзамов, Грез Иброҳимов, Ғоиб Мирзоев, Ёралӣ Содиқов, Қаюм Сангов, Давлатмурод Расулов, Мирзоалӣ Табаров, Савронбӣ Раҳимова, Шарофат Худойдодова, Сафар Холиқов ва дигарон назаррас аст. Дастовардҳои мушарраф гардидаи омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ дар соли 2018 шаҳодати ин гуфтаҳост.

Ҷиҳати равнақи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ маҷаллаи илмии Паёми донишгоҳ низ ба КОА ҷиҳати эътироф гардиданаш ҳамчун маҷаллаи тақризшаванда пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин, барои нашри мақолаҳои магистрантон дар назди Раёсати илм ва инноватсия маҷаллаи илмӣ бо номи "Муҳаққиқ" таъсис дода шуд, ки магистрантони донишгоҳ мақолаҳои худро дар он ба табъ мерасонанд.

Вобаста ба амалӣ намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, барои баланд бардоштани сатҳи дониш, фарҳанги ҳуқуқӣ ва дараҷаи ихтисоси омӯзгорону донишҷӯён ва дар ин зимина хостагирии дониш-

*Идомаааш дар саҳ. 2*

## ГЕНЕРАЛҲОЕ, КИ ДАСТПАРВАРОНИ ДОНИШГОҲАНД...




## ТРАГЕДИЯ ПУШКИНА "БОРИС ГОДУНОВ"




## АЗ ТАЪРИХИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ




## МИНБАРИ ДОНИШҶӮ




## АСРОРИ ПАЙВАНДИ НАСЛҲО




## НОМАЕ БА ТОЛСТОЙ




## ОЗМУН: 20 КИТОБ ХОН ВА 400 СОМОНӢ БИГИР!



# СУХАНРОНИИ

## ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло дар ҷаласаи ифтитоҳии конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати олимону профессорон ва донишҷӯён

ҷӯёни лаёқатманд ва қобилияти баланди зеҳнию ақлонидошта, марказҳои илмӣ-истеҳсолӣ: "Истеъдодҳои ҷавон", "Парки технологӣ", "Рушди касбият ва инноватсия", "Ҷамъияти илмии донишҷӯён" таъсис дода шуда, дар ҳама кафедраҳо маҳфилҳои илмию эҷодӣ ва семинарҳои илмӣ амал менамоянд.

Дар донишгоҳ ҳамагӣ 35 маҳфил амал намуда, 1035 нафар донишҷӯёнро фаро гирифтаанд. Ҳамчунин, семинарҳои




илмӣ-методӣ амал мекунанд ва омӯзгорон дар семинарҳои кафедраҳо бо маърӯзаҳо баромад менамоянд. Магистрантон ва докторантони PhD (дар маҷмӯъ 169 нафар) низ дар нақшаи семинарҳо ворид карда шуда, ба семинарҳо ҷалб гардидаанд. Бояд гуфт, ки теъдоди аъзоёни маҳфилҳо дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 369 нафар зиёд мебошад. Дар ин давра дар семинарҳо ҳудуди 431 маърӯза шунида шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 27 маърӯза зиёд мебошад.

Дар соли 2018 ихтироъкорону навоварони ҷавон ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардиданд ва баҳри болоравии рақобатпазирии моликияти зеҳнӣ патентикунонии ихтироот танҳо дар давраи ҳисоботӣ 3 ихтирои кормандони донишгоҳ профессор С.К. Каримов ва муаллифон Ғаффоров С., Баротов Н., Шарипов А. соҳиби шаҳодатномаи патентӣ гардида, инчунин ихтироотҳои Холиқов С.С., Сайфудинов Ф. ва Хоҷаев И. соҳиби нахуспатент гардида, ба даҳгонаи ихтироъкорони ҷавон шомил гардиданд.

Мавриди закр аст, ки дар соли 2018 ба озмуни ҷумҳуриявии "Донишҷӯ ва пешрафти илмӣ-техникӣ" аз лоиҳаҳои пешниҳодгардида лоиҳаи илмии донишҷӯи донишгоҳ Латипов Манучеҳр, донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика ва математика соҳиби ҷойи аввал ва бо Дипломи дараҷаи 1 сарфароз гардонида шуд.

Рӯзҳои 22-23-юми июни соли 2018 дар даври хотимавии Олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишҷӯёни донишгоҳ соҳиби 1 ҷойи дуюм, 2 ҷойи сеюм ва 5 нафар мақоми ифтихориро касб намуданд. Дар олимпиада барои дарёфти "Ҷоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", озмуни истеъдодҳои ҷавони донишгоҳ аз рӯи ихтисос 9 нафар ғолибон бо тӯҳфаҳои пулию молӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар арафаи таҷлили рӯзи матбуоти тоҷик мушовири ректор оид ба иртибот бо ҷомеа, ховаршинос, профессор фахрии донишгоҳ Зафар Мирзоён ба "Ҷоизаи адабии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ" барои фаъолияти густурда дар матбуоти даврӣ бахшида ба рӯзи матбуоти тоҷик сарфароз гардонида шуд.

Дар озмуни вилоятӣ сардори Раёсати илм ва инноватсия Давлатов Эраҷ ва омӯзгори кафедраи илмҳои компютерӣ Шоҳсанами Ризо сазовори ҷоизаи Раёсати кор бо ҷавон ва варзиши вилояти Хатлон гардида, бо Шаҳодатномаи Раёсати кор бо ҷавон ва варзиши вилоят сарфароз гардонида шуданд.

Дар миқёси ҷумҳурӣ, махсусан миёни МТОК ҶТ омӯзгори донишгоҳ Мирсаидов Муҳаммаднаим, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент ба гирифтани Стипендияи Президенти ҶТ "Дурахшандагон" комёб гардида, ба докторантураи Институти иқтисодиёт ва ҳоҷагии халқи назди Президенти Федератсияи Россия дохил шуд.

Вобаста ба пешрафти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои дифои рисолаи номзадӣ 3000 ва барои дифои рисолаи докторӣ 5000 сомонӣ кӯмакпулӣ муқаррар карда шудааст. Дар соли 2018 ва 4 моҳи соли 2019 45000 сомонӣ кӯмакпулӣ дода шудааст ва ин раванд идома дорад.

Дар маҷмӯъ, ҷиҳати ҳавасмандгардонии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таъминоти ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ва раванди инноватсионӣ, таъминоти кадрӣ ва ташаккул додани инфрасохтори илмӣ-инноватсионӣ, дар оянда низ тадбирҳои созгор рӯи кор оварда хоҳанд шуд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, Шуморо бо ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ-солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", оғози амалишавии ҳадафи чорум-саноатикунонии босуръати кишвар, 80-солагии шоири шаҳири тоҷик Саидҷон Ҳакимзода, хосатан аз ҳама муҳим қабули сесолаи суботкориҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин "Ҳафтаи илм" эълон гардидани охири моҳи равон табрику таҳният гуфта, бароятон бурдборӣ, комгорӣ, дар анҷоми корҳои илмӣ-тадқиқотӣ парвози баланди эҷодӣ, дар фаъолияти коратон барор таманно менамоям.

# ОЗМУН: 20 КИТОБ ХОН ВА 400 СОМОНӢ БИГИР!

Ба ҳамагон маълум аст, ки ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва шаҳрвандони кишвар дар соли 2019 зери унвони "Фурӯғи субҳи доноӣ..." озмуни ҷумҳуриявӣ баргузор карда мешавад.




Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2019 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани чорабинии мазкур 310000 (сесаду даҳ ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо карда шудааст.

**Рӯзномаи "Анвори дониш" ба ин хотир асарҳои назмӣ ва насрии адибони классик ва муосири тоҷикро барои хонандагон пешниҳод мекунад. Агар хонандае, ки то 20-уми майи соли ҷорӣ аз ин асарҳо 20-тояшро хонад, соҳиби мукофотпулӣ дар ҳаҷми 400 сомонӣ мегардад. Ғолиб танҳо 1 нафар нест, балки ҳар донишҷӯе, ки аз китобҳои мазкур 20 ададашро мехонад ва рӯзи озмун муҳтавояшро ба ҳайати комиссия нақл карда метавонад, ғолиб мегардад ва насиби мукофотпулӣ мешавад.**

**Озмун рӯзи 20-уми май дар идораи рӯзномаи "Анвори дониш" баргузор мегардад.**

**АСАРҲО**

Адабиёти қадим: "Томирис ва Куруш", "Шерак", "Авасто", "Ёдгори Зарирон", "Дарахти Ассурик", "Корномаи Ардашери Бобакон", "Калила ва Димна", "Ёдгори Бузургмеҳр", "Андарзи доноён ва маздоясно", "Андарзи Хусрави Ковадон", "Андарзи Пурйуткешон", "Бундаҳишн", "Динкард".

Достонҳои "Калила ва Димна", "Симбоднома", қасидаҳои "Шикоят аз пирӣ", "Модари май"-и Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, "Таърихи Наршахӣ"-и Абубакри Наршахӣ, "Муқаддимаи "Шоҳнома"-и Абумансурӣ, "Пирӯзнома"-и Абуалӣ Сино, "Таърихи Табарӣ"-и Балъамӣ, "Таърихи Байҳақӣ"-и Абулфазли Байҳақӣ, "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ, ғазал, қитъа, рӯбоиҳо ва достони "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ, "Сафарнома"-и Носири Хисрав, "Қобуснома"-и Унсурмаолии Кайковус, "Наврӯзнома"-и Умари Хайём, "Сиёсатнома"-и Низомулмулк, "Вомиқу Узро"-и Фаррухии Сиистонӣ, девони ашъори Бобокӯҳӣ (Абдулло Алӣ), рубоиёту дубайтаҳои Бобо Тоҳири Урён, маснавии "Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ"-и Санони Ғазнавӣ, "Асрорнома", "Хусравнома", "Мухторнома", "Мантиқ-ут-тайр"-и Фариддаддини Аттор, маснавиҳои "Рӯшноинома", "Саодатнома", "Сафарнома"-и Носири Хисрав - достони "Вис ва Ромин"-и Фахриддин Асъади Гургонӣ, достони "Гаршоспнома"-и Асадии Тусӣ, "Хамса" - ("Махзан-ул-асрор", "Хусраву Ширин", "Лайлӣ ва Маҷнун", "Ҳафт пайкар", "Искандарнома")-и Низомии Ганҷавӣ, "Доробнома"-и Абутоҳири Тарсусӣ, "Калила ва Димна"-и Абулмаолии Насруллоҳ, достонҳои "Хамса"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, "Бӯстон" ва "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ, ғазалиёти Ҳасани Деҳлавӣ, қасидаҳо, маснавиҳои "Сад панд", "Дилкушо", "Мушу гурба"-и Убайди Зоконӣ, ғазалҳо, қитъаҳо ва рӯбоиҳои Камоли Хуҷандӣ, девони ғазалиёт, достону маснавиҳои "Ҳафт авранг", "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ, ғазалу рубоӣ, достонҳои "Сифот-ул-ошиқин", "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Бадриддини Ҳилолӣ, "Анвори Суҳайлӣ", "Ахлоқи Муҳсинӣ", "Рисолаи Ҳотамия" ва "Футувватномаи султонӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, "Латоиф-ут-тавоиф"-и Фахриддин Алии Сафӣ, "Дастур-ул-мулук"-и Самандарҳоҷаи Тирмизӣ, достони "Гулзори Ирам"-и Абдураҳмони Мушфиқӣ, қасида, бадеҳа, чистон, ёддоштҳои "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Восифӣ, ғазал, мухаммас, рубоӣ, "Шаҳрошӯб" ва "Баҳориёт"-и Сайидои Насафӣ, ғазалҳои Зебуннисо, "Наводир-ул-вақоеъ", "Рисолаи таърихӣ"-и Аҳмади Дониш, "Тӯҳфаи дӯстон", "Лайлӣ ва Маҷнун", "Бадоеъ-ус-саноеъ" ва ғазалҳои Шамсиддин Шоҳин, ғазалиёти Туғрали Аҳрорӣ, ғазалиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ.

Намунаҳои насри ривоятӣ: "Чаҳор дарвеш", "Ҳазору як шаб", "Тутинома", "Синдбоднома", "Калила ва Димна", "Самаки айёр", "Марзбонnома", "Абумуслимнома".

*Қадри шеъри тар чи медонанд ноқистинатон,*
*Оби ҳайвон бар замини шӯра пошидан чаро? Соиб*



# АСРОРИ ПАЙВАНДИ НАСЛҲО

***Ҳатто сарсахттарину боэътиқодтарин материалист наметавонад пайванду робитаи байни наслҳо ва ирсиятро инкор намояд. Дар байни бисёр мардуми ҷаҳон ақидаи аз умқи садсолаҳо бамеросмонда вуҷуд дорад, ки бо нерӯи сеҳромезу мармузи рақами ҳафт низ алоқаманд аст.***

Ҳатто сарсахттарину боэътиқодтарин материалист наметавонад пайванду робитаи байни наслҳо ва ирсиятро инкор намояд. Дар байни бисёр мардуми ҷаҳон ақидаи аз умқи садсолаҳо бамеросмонда вуҷуд дорад, ки бо нерӯи сеҳромезу мармузи рақами ҳафт низ алоқаманд аст. Ақида ин аст, ки ҳар инсон дар вуҷуди худ, дар ҳастии худ асари мустақим ва нишонаи ҳафт пушт - ҳафт насли гузаштаро ҳам аз тарафи падарӣ ва ҳам аз тарафи модарӣ дорад ва ин таъсиру ин нақш дар масири зиндагии вай ҳамеша эҳсос мешавад, нуфуз дорад.

Хуб, як ҳисоби оддӣ мекунем. Насли аввал худи мо ҳастем. Насл ё пушти дуввум волидайн-падару модари мо мебошанд, ки 2 нафаранд. Пушти севвум-бобову бибии моонҳо аллакай чор нафаранд. Пушти чаҳорум-модаркалону бобокалонанд, ки ба 8 нафар мерасанд. Насли панҷум - 16, шашум - 32, ҳафтум 64 ва дар маҷмӯъ 126 нафар моро то аҷдоди ҳафтум пайванд медиҳанд. Ҳар як аз ин 126 нафар заррае, ҷузъе, резае, андаке аз худро барои мо боқӣ гузоштаанд. Рӯҳи онҳо аз дунёи малакутӣ мушоҳиди аъмоли мо ҳаст, моро назорат мекунад ва агар аз онҳо бихоҳем, қодиранд дар зиндагӣ ба мо ёрӣ расонанд.



**НАСЛИ (ПУШТИ) ДУВВУМ**

Тавре ки гуфтем, насли дуввум падару модари мо ҳастанд. Онҳо моро ба дунё овардаанд. Онҳо қабл аз ҳама ба мо оддитарин чизҳои зиндагиро меомӯзонанд. Мо чи гуна бунёд намудани оила ва муносибат бо одамони дигарро аз онҳо меомӯзем. Кӯдакон ба падару модари худ тақлид мекунанд ва одатан иштибоҳи онҳоро дар зиндагӣ такрор мекунанд. Духтарон ба модар ва писарбачаҳо ба падар тақлид менамоянд. Аз волидайн хулқу одат, шавқу ҳавас ба чизе, эҳсосот, ҳамчунон овоз, тарзи гуфтор ва ғайра ба мо мегузаранд...

**НАСЛИ СЕВВУМ**

Маҳз бобову бибӣ бо мо қобилияту истеъдоди зеҳнию фикриро медиҳанд. Онҳо бо зиндагии худ марҳалаҳои тақдири моро мушаххас месозанд. Ин роҳи тақдир аз тарбия вобастагӣ надорад. Бисёр касалиҳо низ аз бобову бибӣ ба мо мегузаранд.

- Қобилияти эҷодӣ, фаъолиятнокӣ, ташаббускорӣ, муносибат ба Худо ба мардон аз бобои падарӣ ва ба занон аз бибии модарӣ интиқол меёбад.

- Чигунагии муносибат ба арзишҳои моддӣ, пул ва қобилияти хоҷагидорӣ ба мардон аз бибии падарӣ ва ба занон аз бобои модарӣ мегузарад.

- Қобилияту истеъдоди хондан, муносибату муошират бо хешовандону дигар одамон, робита барқарор кардану хонавода барпо кардан ба мардон аз бобои модарӣ ва ба занон аз бибии падарӣ ба ирс мемонад.

- Қобилияту имконоти ниҳонӣ, ҳамчунон муносибат ба хонаву хонавода, ба ватан, ба зодгоҳ ба мардон аз бибии модарӣ ва ба занон аз бобои падарӣ ба мерос мемонад.

**НАСЛИ ЧАҲОРУМ**

Ин насли авлоди мо иборат аз ҳашт нафар буда, амнияти мо дар роҳи интихобкардаи зиндагӣ аз бисёр ҷиҳат ба онҳо вобастагӣ дорад. Онҳо имконияти самтгирии инсон дар вақту фазоро муайян месозанд. Ва ин имконият дар навбати худ ҳадафи зиндагии инсонро мушаххас месозад - яъне дар зиндагӣ бояд ба чӣ тамоюл кард, ба чӣ такя кард ва кадом риштаи фаъолияти мо дар зиндагӣ натиҷаи матлуб хоҳад дод.

Вақте ки мо дар зиндагӣ роҳеро интихоб менамоем, ба сурати нохудогоҳу номаълум ба яке аз ин аҷдоди мо иртибот барқарор мешавад ва аз ҳимояту кӯмак дарёфт менамоем.

**НАСЛИ ПАНҶУМ**

Тавассути пушти панҷум ба мо гуноҳҳову айбҳои дар аъмоқ нуҳуфта ва ё баръакс қудсияту ҳақиқатпарастӣ мерос мемонад. Яъне, бори гуноҳи касе аз авлодамон ба дӯи мо аст. Подошу кайфар бо ин насл алоқаманд аст.

Аз байн ҷадди мо оне, ки дар зиндагиаш бештар аз дигарон ҳақиқатпараст будааст, довари мо аст, ҳимоятгари мо аст, пуштибони мо аст. Вай тавозуну таносубро дар зиндагии мо барқарор месозад. Ин насл ҳамчунон ба робитаи мо бо Замин, бо табиат, муҳити атроф асар мегузорад. Зиндагии порсоёнаву тақводоронаи ин насл моро аз васвасаву гумроҳӣ муҳофизат мекунад ва ба кори хайр ҳидоят менамояд.

**НАСЛИ ШАШУМ**

32 нафар ин авлодро бо шумораи дандонҳои инсон иртибот медиҳанд. Ин авлод дар мо фаросатро рушду такомул медиҳад, тафаккури моро ба самте равона мекунад, то аз нохушиҳо эмин бошем. Онҳо нигаҳдорандаю нигаҳбони насл ва ҳимоятгари кӯдаконанд. Агар дар хонавода нохушие рӯй диҳад, рӯҳи ҳамин насл беқарор мешавад ва ба кӯмак мешитобад. Агар дандони ақли касе зуд вайрон шуда бошад, ин нишонаи он аст, ки робитаи вай бо ин насл қатъ шудааст.

**НАСЛИ ҲАФТУМ**

Инҳо аҷдоди аз ҳама нерӯманди мо ҳастанд. Ҳар яки онҳо заррае аз нерӯи худро ба мо мебахшад, то мо битавонем ихтиёрдор бар тақдири худ бошем, на ғуломи он. Онҳо шифобхши мо, табиби мо дар вақти маризианд. Онҳо қодиранд чизеро дар мо тағйир диҳанд ё монеи тағйир шаванд. Онҳо моро ҳимоят мекунанд ва ё аз пуштибонӣ даст мекашанд. Интихоби роҳи дурусти мо дар лаҳзаҳои масъулиятноки зиндагӣ ба онҳо вобаста аст.

**НАСЛИ ОЯНДА**

Ҳар яки мо дар навбати худ метавонем ҷадди насли баъдӣ бошем. Мо ба фарзанд зиндагӣ ато мекунем, ба набера қобилияту истеъдод медиҳем, барои абера роҳи зиндагиро муайян менамоем, метавонем чабераро аз кайфар барои гуноҳҳои худ наҷот диҳем ва ғайра...

Мо дар наслҳои гуногуни оянда, дар ҳалқаҳои мухталифи пайванди шаҷара қарор мегирем. Агар мо дар зиндагӣ ҳалолкору ҳақиқатпарасту солимфикр будаем, асари мусбати он ҳатман ба наслиояндаамон интиқол меёбад.

Аз ин ҷост, ки мо на танҳо дар зиндагии имрузӣ, балки дар баробари ҳафт пушти оянда масъулият дорем. Зеро беҳуда нест, ки кас чун ба коре хуб ё амали бад даст занад, мардум ин суолро мекунанд: - Вай аз авлоди кист?

Ҳатто андешаи сода роҷеъ ба ин мавзӯъ ба инсон имкон медиҳад, ки пайванди наслро ақалан каме ҳам бошад барқарор созад. Камтар иштибоҳ кунаду камтар пешпо хӯрад. Ин иртиботу пайванд имкон медиҳад, дурусттар зиндагӣ кунем, оқилтар ва покизакору масъулиятшинос бошем...

***Баргардон аз русӣ, тарҷумаи Мирзошо ВАТАНШОЕВ, рӯзноманигор***

## Шеъри рӯз



*Шаҳрия АҲТАМЗОД*

***Ба куҷо равам, ки он ҷо ба ҷуз аз вафо набошад,***
***Ғаму дарди зиндагонӣ ба кас ошно набошад.***
***Ҳама ҷуфти хеш ёбад ба вафову меҳрубонӣ,***
***Зи азизи хеш фарде нафасе ҷудо набошад.***
***Нафитад нигоҳи шайтон ба фазои пурмуҳаббат,***
***Ба ҷуз аз каломи ишқу карами Худо набошад.***
***Зи нигоҳи навҷавонон шарари хуҷиста резад,***
***Зи забони мӯсафедон ба ҷуз аз дуо набошад.***
***Сари ман ба қасди шайтон назанад ба санги лаънат,***
***Ки мани фариштахӯро сабаби ҷазо набошад.***
***Ба куҷо равам, ки он ҷо ҳама чашми сер бинам,***
***Зи миёни кӯчабоғаш гузари гадо набошад.***
***Зи ғами қазо шикоят набаранд шоиронаш,***
***Ки ба шоирон гадоӣ зи қазо раво набошад.***
***Ба ниқоби ханда пӯшам дили дардманди худро,***
***Чу нигоҳи гирярезам ба диле даво набошад.***
***Чи сафои орзуе мани ғӯлу сода дорам,***
***Ба таҳи само чунинам асари саро набошад!***

# СЕ ҲИКМАТ

### ТАКАББУР ВА ШАРМСОРӢ

Зане дар бозор бо кӯзаи равған мегашт. Марди сарватманде бо ғуруру такаббур ва дар тан либосҳои гаронбаҳо аз наздаш мегузашт. Ногоҳ кӯза дар дасти зан ларзиду равған ба либосҳои мард рехт. Фиғони мард ба осмон печид:

- Эй зани беақл! Чӣ кор кардӣ? Медонӣ ин чӣ қадар арзиш дорад? Фавран ба ман пули онро бидеҳ!

Зани бечора гуфт:

- Ҷаноб, ман зани бенавое ҳастам ва пул надорам.

Мард гуфт:

- Ман коре надорам! Худи ҳозир ба ман 1000 динор арзиши либосҳоямро медиҳӣ!

Зан гуфт:

- Ман ин миқдор пул надорам.

Мард гуфт:

- Ман коре надорам! Фавран 1000 динор пайдо кун!

Зани бечора ҳарчанд бо гиряву нола илтиҷо мекард, вале қалби марди мағрур раҳме надошт.

Ин лаҳза ҷавоне ҳодисаро дида, назди мард омаду гуфт:

- Ҷаноб, ин зан бенаво аст, ӯро назди мардум шарманда мекунӣ. Ӯ аз куҷо 1000 динор ба ту медиҳад?

Мард гуфт:

- Ман коре надорам! Фавран 1000 динор пайдо мекунад!

Пас ҷавон гуфт:

- Ман аз ҷониби ин зан медиҳам, бигир 1000 динор.

Мард пулро гирифту рафтанӣ шуд. Ҷавон ӯро садо кард:

- Куҷо меравӣ?

Мард гуфт:

- Ту чӣ кор дорӣ?

Ҷавон гуфт:

- Оё маблағи либосро гирифтӣ?

Мард гуфт:

- Бале.

Ҷавон гуфт:

- Пас чаро либосро ба ман намедиҳӣ? Мехоҳӣ ҳам пул ва ҳам либосро бо худ барӣ?

Марди мағрур дар ҳайрат монд:

- Ман агар либосро бикашам, пас белибос чӣ гуна меравам?

Ҷавон гуфт:

- Ман коре надорам! Ман либосро харидам ва он аз ман аст. Ту чӣ мепӯшӣ, ба ман фарқе надорад. Худи ҳозир либосамро ба ман медиҳӣ.

Марди гуфт:

- Маро назди мардум шарманда мекунӣ?

Ҷавон гуфт:

- Ман коре надорам! Фавран либосамро ба ман медиҳӣ! Вагарна ба назди қозӣ мебарамат!

Аз ғуруру такаббури мард асаре намонда буд ва ба илтиҷо оғоз кард:

- Маро шарманда макун!

Вале ҷавон раҳму шафқат надошту такрор мекард:

- Ман коре надорам!

Пас мард гуфт:

- Бигир 1000 динορатро ва бирав.

Ҷавон гуфт:

- Мехоҳӣ либоси маро боз бихарӣ? Акнун нархи он 2000 динор аст. Хоҳӣ бихар, нахоҳӣ либосамро бидеҳ.

Мард ба фиғон омад:

- Чӣ гуна 2000? Ман бар ивази он 1000 гирифтам?

Ҷавон гуфт:

- Ман коре надорам! Хоҳӣ бихар, нахоҳӣ либосамро бидеҳ.

Мард гуфт:

- Ин зулм аст.

Ҷавон гуфт:

- Акнун оид ба зулм сухан мекунӣ? Чаро ба ин зан зулм кардиву парвое накардӣ?

Пас мард хиҷолати зиёд кашиду маблағро ба ҷавон баргардонд ва аз зани бечора узр пурсид.

**Мантиқ:** Ғуруру такаббур оқибат шармандагӣ меорад. Ба бечорагон дасти ёрӣ дароз кардан нишонаи ҷавонмардӣ мебошад. На ҳар чизро бо пул мешавад баркашид.

### ИШОРА

Физикдони ҷавоне зимни ирсоли рисолаи худ ба Эйнштейн аз ӯ пурсид:

- Оё дуруст аст, ки хӯрдани моҳӣ фаъолияти мағзро афзоиш медиҳад?

Эйнштейн дар ҷавобаш навишт:

- Рисолаи шуморо мутолиа кардам, шумо бояд наҳанг бихӯред.

### НАФАСҲОИ РОЙГОН

Марди 78-соларо дар беморхона бистарӣ карданд ва ба ӯ нафаси сунъӣ доданд. Дар мудати 24 соат аз ҳисоби нафаси сунъӣ ҳолаташ хело беҳ шуд ва табиб ҳисоби нафаси сунъиро пешаш гузошта гуфт:

- 2500 риёл мешавад ҳаққи пардохт.

Мард ба ҳисоб нигоҳ карду хело гирист. Табиб ӯро ором кард ва гуфт:

- Барои чунин қонун гиря накунад.

Мард гуфт:

- Ман барои маблағи пардохт гиря намекунам. Ман қодирам, ки бештар пардохт кунам. Гиряи ман барои ин аст, ки дар мудати 24 соат барои нафаси сунъӣ ман 2500 риёл пардохт кардам, аммо тӯли 78 сол аст, ки нафаси тоза кашидам, лекин боре напардохтаам.

Табиб сар поин карду сахт бигирист.

**Мантиқ:** Солҳои зиёд мо нафасҳои ройгон мегирем, лекин боре фикр намекунем, ки ҳаққи нафасҳоро пардохт бояд кард!

***Таҳияи Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

*Дунё ба аҳли хеш тараҳҳум намекунад,*
*Оташ амон намедиҳад оташпарастро.* Соиб

Анвори дониш
№8 (290), ДУШАНБЕ, 6.05.2019

# ТРАГЕДИЯ ПУШКИНА "БОРИС ГОДУНОВ"

**(Посвящается 220-летию со дня рождения основоположника русской классической литературы А.С.Пушкина)**



*Садбарг Гуломовой, старший преподаватель кафедры зарубежной литературы с МПРЯЛ факультета русской филологии*

Александр Сергеевич Пушкин русский поэт, основоположник русской классической литературы, драматург и прозаик, заложивший основы русского реалистического направления, критик и теоретик литературы, историк, публицист; один из самых авторитетных литературных деятелей первой трети XIX века. Ещё при жизни Пушкина сложилась его репутация величайшего национального русского поэта. Одним из величайших завоеваний Пушкина, основополагающим его принципом явилось изображение личности человека, в неразрывной связи с общественной средой, изображение личности человека в процессе его развития, в зависимости от объективных, конкретно-исторических условий жизни. В своих произведениях Пушкин показывает, что достоинство и ограниченность его героев, формы их духовной и нравственной жизни вырастают на определённой исторической почве, в зависимости от общественной среды.

"Драгоценный для россиян памяти Николая Михайловича Карамзина" Пушкин "с благоговением и благодарностью" посвятил "Бориса Годунова" (1825г.).Эпоха Смутного времени (конец XVI - начало XVII вв.) привлекала внимание русских драматургов как исключительно драматический, переломный этап отечественной истории. Характеры ее основных действующих лиц - Годунова, Лжедмитрия, Шуйского - были исполнены подлинного драматизма, острых противоречий. Наиболее яркое отражение в русской драме первой трети XIX века эта тема нашла, как известно, в трагедии Пушкина "Борис Годунов" /1825г./.

Пушкин считал написание этой трагедии своим литературным подвигом, понимал ее политический смысл и говорил: "Никак не мог упрятать всех моих ушей под колпак юродивого - торчат". Интерес к истории Пушкина закономерен и глубок. Самые горькие раздумья над судьбой России не рождали у него исторического пессимизма. К этому времени вышли X и XI тома "Истории государства Российского" Карамзина и это обострило внимание к эпохе "смутного времени". Это было время переломное, критическое в истории России: польская интервенция, народное недовольство, шаткая власть самозванцев."Борис Годунов" зарождается как замысел, из потребности постижения мира через историю, историю России. Пребывание в Михайловском, соприкосновение с народной жизнью играли тут роль не меньшую, чем великое творение Карамзина - "История государства Российского". Попытки постижения "механизма" человеческой истории - не абстрактная философская задача, но жгучая личная потребность Пушкина, начинающего осознавать себя социальным поэтом, наделенным к тому же, некой пророческой миссией; "это попытка проникнуть в тайну исторических судеб России, постигнуть научно как неповторимую личность, восстановить историческую и духовную родословную, которую "отменяла" революция Петра. Он всматривается в характер русской государственности, связанный с характером народа, изучает эпоху одного из тех потрясений, которым эта государственность подверглась".

У Карамзина Пушкин нашел и версию о причастности Бориса к убийству царевича Дмитрия, сына Ивана Грозного, в Угличе. Современная наука оставляет этот вопрос открытым. Пушкину же эта версия помогает с психологической глубиной показать муки совести Бориса. Сомнения в причастности Бориса к преступлению были весьма распространенными.

Само заглавие "История в лицах…" по-своему подчеркивает авторскую точку зрения на историю и особенности художественной разработки исторической темы. Прошлое раскрывается им не через борьбу социальных сил, а через столкновение добродетельных и порочных лиц. Погодин приходит к убеждению: цель истории - "научить людей обуздывать страсти", что звучит совсем в духе Карамзина, и этот специфический, достаточно рассудочный морализм останется и впредь одной из характерных особенностей его воззрений. Но Пушкин во многом разошелся и с Карамзиным в истолковании этого материала. Проблема соотношения драмы "Борис Годунов" с историей Карамзина является очень сложной, ее нельзя упрощать. Надо видеть и то, что связывает ее с Карамзиным, и глубокое различие между ними. Дело в том, что "История" Карамзина - это и исторический научный труд, и одновременно художественное произведение. Карамзин воссоздавал прошлое в картинах и образах, и многие писатели, пользуясь фактическими материалами, расходились с Карамзиным в оценках. Карамзин в историческом прошлом России хотел видеть полюбовный союз и согласие между царями и народом / "История принадлежит царю"/ , а Пушкин увидел глубокий разрыв между самодержавием царя и народом. Драма отличается совершенно новым качеством историзма. До Пушкина ни классицисты, ни романтики не смогли воссоздать точную историческую эпоху. Они брали лишь имена героев прошлого и наделяли их мыслями людей 19 века. До Пушкина писатели не могли показать историю в ее движении, они модернизировали ее, осовременивали.



Пушкинский историзм мышления заключается в том, что он видел историю в развитии, смене эпох. По мнению Пушкина, для того, чтобы сделать материал прошлого злободневным, ее не надо искусственно приспосабливать к современности. Девиз Пушкина: "Надо воссоздавать историческую правду и тогда прошлое уже само по себе будет актуально, потому что прошлое и современность связаны единством истории".Пушкин удивительно точно воссоздал историческое прошлое. Перед читателями пушкинской драмы возникает эпоха смутного времени: здесь и летописец Пимен, бояре, "юродивый" и т.д. Пушкин не только воссоздает внешние черты эпохи, но он раскрывает основные социальные конфликты. Все группируется вокруг главной проблемы: царь и народ. Прежде всего Пушкин показывает трагедию Бориса Годунова и дает нам свое объяснение. Именно в понимании Бориса Годунова и его трагической судьбы прежде всего Пушкин расходится с Карамзиным. Многое в таком понимании жизни, судьбы Бориса было близко Пушкину. Это тема преступления и наказания. Пушкин эту нравственно-психологическую драму еще больше усиливает тем, что для Пушкина Борис - незаурядная личность. Трагедия преступной совести раскрывается в монологах Бориса, сам Борис признается: "жалок тот, в ком совесть нечиста". В отличие от трагедий классицистов характер Бориса показан широко, многогранно, даже в эволюции. Если вначале Борис непроницаем, то потом он показан как человек со сломленной волей. Он показан и как любящий человек, отец. Важно учесть, что Пушкин показывает народную точку зрения на содеянное. Борис не просто царь-узурпатор. Пушкин подчёркивает, что убит не взрослый соперник, а младенец. Борис ступил через кровь невинного младенца - символ нравственной чистоты. Здесь, по мнению Пушкина, оскорблено нравственное чувство народа и оно выражено устами юродивого: "Не буду, царь, молиться за царя Ирода, Богородица не велит".Как не велико значение нравственно-психологической драмы Бориса, всё-таки для Пушкина в драме главное - это трагедия Бориса как царя, властителя, государственного деятеля, на которого он смотрит с политической точки зрения. Акцент Пушкин переносит с личных страданий Бориса на последствия преступления для государства, социальные последствия. Как изображён Борис как царь? Он незаурядный государственный деятель. Он хотя и вступил на престол через преступление, но ставил перед собой не только честолюбивые цели.

Он искренне хотел блага государству и счастья подданным.Он наметил обширные планы преобразования государства. Он вслед за Иваном Грозным ведёт прогрессивную политику - политику централизованного государства. Он опирается не на родовитое барство, а на служивое дворянство, он хочет ценить людей не по их родовитости, а по их уму. Заботится о развитии науки. И всё же, несмотря на его субъективные намерения и даже на определённые щедроты, посулы народу, народ его не принимает, он натолкнулся на глухую стену непонимания народа, народ отвернулся от него. И трагедия Бориса в том, что он остаётся для народа царём-деспотом, тираном, крепостником. В знаменитом монологе "Достиг я высшей власти" он наедине с самим собой ставит этот вопрос: чем объяснить, что народ против, терпит неудачи? Сам он видит божий суд, который послал ему наказание за преступление. Мысль, которая будет подхвачена русской литературой: никакие благородные цели не могут быть оправданы и достигнуты аморальными поступками. В этом же монологе своеобразный ответ и на другую сторону проблемы: почему народ его не поддерживает? Ведь Борис относится к народу как к черни, как к зверю, "они любить умеют только мёртвых".

***"Народ в ужасе молчит.***
***Народ безмолвствует".***

Пока самозванец не имел реальной власти. Народ поддерживал его, желая выразить своё неприятие Бориса, народ хранил мечту об идеальном царе, связанную с образом невинно погубленного младенца. Но когда самозванец вступил на престол через преступление, народ понял, что перед ним деспот, тиран.

Таким образом, в пушкинской драме показана не только трагическая судьба царей, оторванных от народа, но и трагедия самого народа, победившего и в то же время оказавшегося побеждённым вследствие отсутствия у него определённой политической программы, которая позволила бы ему закрепить свою победу.

Тема народа проходит через всё пьесу. О народе в пьесе не только говорят, но впервые в драматургии Пушкин вывел народ на сцену. Народ стал в центре трагедии "Борис Годунов", но в общем понятии "народ" пока слиты воедино и представление о крестьянстве и городская "чернь" всяких сословий. Но важно отметить, что все сословия в их противопоставлении боярству объединены в одно понятие "народ". Если у Шекспира народ являлся фоном действия, то у Пушкина он является действующим лицом / народные сцены на Девичьем поле/. Пушкин показывает разнородность мнений толпы. Одни искренне упрашивают Бориса принять царский венец, но большинство лишено каких-то особенных монархических чувств, глубоко равнодушно ко всему происходящему.

Пушкинское изображение народа отличается двойственностью и противоречивостью. С одной стороны, народ - это могучая мятежная сила, грозная стихийная масса. От поддержки народа зависят судьбы царей и судьбы истории, и с другой стороны народ показан как масса политически незрелая, он - игрушка в руках бояр, бояре пользуются подами выступлений народа, а народ по-прежнему остается в рабской зависимости. Таким образом, ведущая основная философско-историческая мысль Пушкина: народ источник нравственного суда. Она особенно актуальна была в период создания - накануне декабря 1825 года. Пушкин объективно обращался к передовой дворянской молодежи, говорил о слабости дворянского движения, призывая приобщиться к народу.

*Дидани по хуштар аз болу пари товусро,*
*Айби худро дар назар беш аз ҳунар дорем мо.* *Соиб*



# НОМАЕ БА ТОЛСТОЙ

**Дар қалбамон нуре аз Худо ҳаст, ки номи он виҷдон аст.**
**Л.Н.Толстой**



Шаш сол замон сипарӣ шудааст, вале дар ин муддати нисбатан тӯлонӣ на қалби Иброҳим, ки падар аст, ором мегирад ва на оромише насиби Елена Векилова, ки модар аст, мешавад. Дағдағае, ки модару падарро ба худ машғул доштааст, ин аст, ки писари онҳо пайраву хидматгузори чӣ дине мешавад? Худованд дар ин замон ба онҳо писари севумро низ ато кардааст ва духтари онҳо Райҳон 13 сол дорад. Бояд куҷо рафт ва маслиҳати корро аз кӣ пурсид? Давоири давлатӣ он мавқеъ ва ҳамин тавр одамҳое, ки дар амри дин фаъолият доштанд, дар шароити он замон наметавонистанд посухи суолҳои ин хонаводаро бидиҳанд.

Генерал Иброҳим дучори дағдағаи ҷиддӣ барои писараш, ки он замон дар Институти технологии Петербург таҳсил мекард ва номаш Борис буд ва ҳамин тавр барои бародари кӯчактар, ки Глеб ном дошт ва дар мадрасаи низомии Маскав таҳсил мекард, доштааст.

"Мо ҳар ду аз кадом миллатҳо ба ҳисоб меоем?", ин суолест, ки ҳамвора фикри ин хонаводаро ба худ машғул доштааст.

Борис ва бародараш барои ёфтани посухи ин суол ҳамвора ба падару модари худ руҷӯъ мекарданд ва барои маротиби изтироби худ роҳи чорае меҷӯстаанд. Бубинед, Борис Глебов дар ин вазъ чӣ гуна масъаларо тавзеҳ медиҳад:

"Дигар 19-сола шуда будам. Бо вуҷуди он ки даргириҳои дарсӣ маро ғарқ карда буд, вале зеҳнияту тафаккури гаравидан ба дини Муҳаммад (с) ва ислом маро лаҳзае раҳо намесохт. Шароити солҳои 1904 ва 1905-и мелодӣ маро ба ин амр бештар тарғиб мекарданд. Ҷанги пур аз шарре байни Русия ва Ҷопон мардумро маҷбур карда буд, ки дар баробари ҳукумат ва режими Русия аз бархе роҳҳои либералӣ истифода кунанд.

Дар солҳои 1904 қонун ва манифести озодии адён дар Русия ба чоп расид. Тибқи ин қонун касоне, ки ба ҳар далел аз дини бобову аҷдоди худ, яъне дини падар ва ё модар даст кашидаанд, ин озодиро доранд, ки дубора ба дини қаблии худ бозгарданд. Ба назар мерасад метавон бо баргае, ки ҳукм дархостро дошт, ин масъаларо ба содагӣ ҳал кард. Одамҳои ботаҷрибаи хонаводаи мо, яъне падару модарам дар солҳои аввалия, ки ба Петербург омада будем, маслиҳат надоданд, ки динамонро, ки он мавқеъ православӣ, яъне дини ҳокими масеҳияти Русия буд, тағйир диҳем. Модарам низ дар номае, ки ба Лев Толстой навишта, дар ин маврид худро бисёр дақиқу муҳофизакор нишон дода буд. Ба далоиле, ки мумкин буд аслан барои ман ва хонавода чандон хуш набошад, дар ин амр бо ин ки хости қалбиамон буд, дере бимондем. Падарам (Иброҳим Глебов) ва модарам (Елена Векилова) ба ин натиҷа расида буданд, ки ҳеҷ касе ба ғайр аз нависандаи ҳушманду андешаманди бузург, яъне Толстой наметавонад ба ин пурсиш посухи дурусту ҷомеъ бидиҳад".

Авохири зимистони соли 1909 модари хонавода Елена Векилова номае аз Тифлис ба Толстой менависад ва вазъияти феълии хонаводаро барои нависандаи машҳур бозгӯ мекунад.

### НОМА БА ТОЛСТОЙ

"Устоди бузургу дӯстдоштанӣ-ҷаноби Лев Толстой!

Дар ибтидои нома ба далели талафи вақти боарзиши Шумо ва ҳамин тавр машғул карданатон барои мутолиаи ин нома маъзарат мехоҳам. Медонам, ки инсонҳои бисёр зиёде ҳам монанди ман аз Шумо суолоте мекунанд ва ба рағми ин ки ба мавзӯи фавқ комилан огоҳӣ дорам, ман низ вақти Шуморо гирифта ва пурсиши худро матраҳ мекунам. Далели ин пурсиш он аст, ки зиндагии пур аз фарозу нишеб дар баробари ман масъалаеро қарор додааст, ки аз ҳалли он нотавонам.

Ман ба таври хулоса он чиро, ки аз Шумо мехоҳам, тавзеҳ медиҳам.

Ман зани 50-сола ва модари се фарзандам. Ҳамсари ман марди мусалмон аст, аммо ақду издивоҷи мо мутобиқи одобу ойини ислом ҷорӣ нашудааст ва тибқи қавонини мавҷуд ба сурати қонунӣ зану шавҳар мебошем. Фарзандони муштараки мо пайрави дини Масеҳ ҳастанд. Духтарам 13 сол дорад, яке аз писарҳоям 23 сол дорад ва дар Институти технологияи Петербург таҳсил мекунад. Писари дигарам 22-сола аст ва дар мадрасаи низомии Алексейи Маскав дар ҳоли гузаронидани дарсҳост. Писаронам барои гаравидан ба дини падарии худ аз ман иҷоза мехоҳанд. Ман чӣ метавонам бикунам? Медонам, тибқи қавонини ҷадиди мамлакат ин амр мумкин аст ва аз сӯе рафтори давлатро нисбат ба хориҷиёне ҳамчун мо ба хубӣ медонам. Ин андешаи писаронам ба далоили кӯчак ва ё даргириҳои хонаводагӣ нест. Аз тарафи далоили молӣ ва низ расидан ба мақомоте дар ҷоҳое низ сабаби ин андеша дар онҳо нашудааст. Валекин чизе, ки бисёр намоён аст, он ки онон ба далели тотор буданашон мехоҳанд ба мардуми худ, ки ҳамвора дар торикиву ҷаҳолат будаанд, ёрӣ кунанд. Ба назари онҳо, агар бихоҳанд ба мардуми худ ҳампову баробар бошанд, бояд масъалаи динии худро ҳал карда ва монанди онҳо мусулмон бошанд. Аммо ҳароси ман ин ҷо шурӯъ мешавад, зеро метарсам бо тафаккуре, ки дорам, барои онҳо сармашқи ғалат бошам. Бо ин дард рӯзҳову шабҳоро мегузаронам. Оҳ! Эй кош, метавонистам дардҳоеро, ки дар зиндагӣ кашидаам, барои Шумо баён кунам... Ман модаре ҳастам, ки девонавор фарзандони худро дӯст дорад ва ҳаминак, ки барои Шумо нома менависам, чашмонам пур аз ашк аст. Кам-кам дорам ақли худамро аз даст медиҳам ва чорае ба ғайр аз навиштан ба Шумо пайдо накардаам. Фақат Шумо ҳастед, ки бо заковату дониши худ метавонед роҳкушои ин мушкили мо бошед. Бо ҳамаи инҳо ин дарди ман метавонад барои Шумо бисёр маъмулӣ ва сода бошад. Вале бовар кунед, ҳатто унвони ин дард ба ман изтиробе беш аз андоза медиҳад.

Ҷаноби Толстой, Шумо дар ҳеҷ мавриди аз зиндагӣ ба ашхосе монанди мо, ки инсонҳои кӯчак ҳастем, пушт накардаед ва ҳамвора тавсияҳои худро ба сифати роҳнамо ба ашхосе монанди мо изҳор кардаед. Ба ин далел, ки барои ман бисёр рӯшан аст, аз фикри худ мадад гирифта ва ҷасорати онро ёфтам, то барои шумо бинависам. Маро бо суханҳои тасаллидиҳандаи худ ором кунед. Бисёр маъзарат мехоҳам, ки вақти гаронбаҳои Шуморо гирифтам ва бовар кунед, ки инро танҳо ба хотири ишқи модарӣ нисбат ба фарзандонам анҷом додаам.

***Касе, ки бо тамоми қалбаш ба Шумо имон дорад, Елена Ефсимовна Векилова.***

### ПОСУХИ ТОЛСТОЙ

***Мусулмонӣ дар баробари масеҳият арзиши бисёр бештар дорад.***

***Л.Н.Толстой***

Толстой дар таърихи 15-уми марти соли 1909 ба номаи Ясная Поляна чунин мегӯяд:

Ба хонум Елена Ефимовна Векилова.

Лозим аст, ки аз тамоили писарони Шумо мабнӣ бар кӯмак ба мардуми тотор дар ин ҷо ташаккур ва тақдири бисёр кард. Дар имтидод ва ба баробарии ин хости инсонӣ гароиши онҳо ба дини ислом ва тобеият аз оини Муҳаммадӣ низ бисёр зарурист. Набояд фаромӯш кард, бо ин ки давлат озодии динро барои мардум раво доштааст ва инак, аз ҳеҷ кас бобати гароишаш ба дин суол ва ё сарзанише анҷом намешавад, вале онон, ки ба дини ислом мансуб ҳастанд, бояд худ дар мавриди оину қавонин ва одоби дин донистаниҳои худро мунтақил кунанд. Дар ҳамин робита бояд гуфт, писарони Шумо, ки аз дини қаблии худ, яъне масеҳият даст кашидаанд ва дини худро иваз карда, мусалмон шудаанд, маҷбур ба ироаи далоиле ба дигарон нестанд ва ин хости мантиқӣ ва хусусии онҳост ва масъалаест байни онҳо ва Худои эшон. Ин зарурист, ки набояд эҳсоси шарм ва ё гуноҳ дар мавриди ин интихоб ба худ роҳ диҳанд. Дар ин маврид ман ҳам ҳеҷ наметавонам гуфт ва ин ки писарони Шумо ба ҳукумат дар мавриди тағйири динашон хабаре медиҳанд ва ё на ва оё ин зарурист ва ё на, наметавонам чизе баён кунам.

Дар мавриди ин ки дини ислом ва таълимоти Муҳаммадӣ дар муқобили масеҳият бисёр боарзиштар ва дорои мақоми волотар аст ва хусусиёти бештаре дорад ва ин ки фарзандони Шумо дар роҳи ин тафаккури осмонӣ хидмат мекунанд, бо тамоми қалбам бо онҳо буда, ҳамфикр ва ба онҳо табрик мегӯям. Ҳаминак касе, ки ин сатрҳоро барои Шумо менависад, ки масеҳист ва бо ин, ки ба таълимоти масеҳият солҳо бисёр мушкил аст, бояд бигӯям, ки дини ислом ва таълимоти Муҳаммадӣ бо тамоми хусусиёташ ва ончунон, ки дар зоҳир дида мешавад, бисёр-бисёр аз масеҳият комилтар ва боарзиштар мебошад. Ҳадди ақал хусусиёти зоҳирии дини ислом бо масеҳият аслан қобили қиёс нест. Агар бар фарзи мисол барои ҳар инсоне ин имкон вуҷуд дошт, ки дар миёни ду дин - ислом ва масеҳият якеро баргузинад ва Худои худро бо он дин парастиш намояд, бояд ибтидо фикр мекардем, ки парастиши калисо, имон ба ҳазрати Марям ва парастиши ӯ, парастиши ғайри Масеҳ ва имон ба Худованд ҳама бо ҳам имкон надорад ва ин чандгонӣ дар парастиш мухолифи дини тавҳидист. Дар сурате ки дар муқобили он дини ислом вуҷуд дорад, ки дар он танҳо парастиши Худо асту бас ва ҳамин далел аст, ки дини исломро нисбат ба масеҳият бартар мекунад ва ҳар инсоне, ки ақли солим ва ҳуши некӯ дорад, дар ин интихоб ҳатман бояд исломро баргузинад, на дини дигареро.

Барои фард-фарди одамҳо, ки дар дунё зиндагӣ мекунанд, дин вазифае дорад ва бо он шуури динӣ аст, ки инсонҳо рушди бештаре мекунанд ва монанди ҳар он чӣ дар зиндагӣ мебинем, одамҳо низ булуғи худро бояд мадюни дин бидонанд.

Барои ин ки дин битавонад ин такомулро роҳаттару сареътар анҷом диҳад, бояд дин ҳарчи содатар ва бо забоне бошад, ки ҳама битавонанд онро бифаҳманд. Аз замонҳои гузаштаву қадим то имрӯз вазифаи файласуфону муфассирон ва олимони динӣ ин будааст асосеро, ки дар динҳо тавассути Худованд бино шуда, бо зиндагии рӯзмарра ва ё масоили рӯз ҳамроҳ намоянд. Дар баробариҳои ин сухан аст, ки масалан дар китобҳои ҳиндуҳо ва ё баъдҳо дар "Таврот"-и Мӯсо ва таълими Буддо, Конфутсий, масеҳият ва ислом дарсҳо ва ё таълиме дода шудааст. Инҳо ҳама динро аз маънои зоҳирии он ҷудо карда ва ба андешаҳои амиқ, вале сода табдил кардаанд. Албатта, мубаллиғон ва ё хидматгузорони адён масъулияти бисёр бузург бар гардан доштаанд, дар таърих мубаллиғоне будаанд, ки барои ҳар дине талоши бисёр дар нишон додани ҳақиқат, ҳамчунин шаффофият ва умқу содагӣ доштаанд ва баръакс низ дида шуда, ки ин ҳарфҳо танҳо барои манофеи шахсӣ ва ё хилофе аз ӯ сар мезанад, ин нишонаи он аст, ки тамоми гуфтор ё кирдору пиндори ӯ ғалат ва агар муътақид ба тафаккуре бошем, маънои он ин аст, ки чизеро набояд воқеият донист ва бад-он бовар дошт ва ҳамон аст, ки сабаб мешавад дидан ва дарки воқеият бисёр-бисёр душвор шавад. Гарчи таҳрифоте, ки дар динҳо шудааст, идома дорад, интиқолот низ бар онҳо бештар ворид мешавад, дар муқобили ин эътирозоту интиқодот ва таҳрифоти касоне, ки сокит нишастаанд, зиёдтар мешаванд. Дар натиҷа кашфу исботи ҳақиқат аз ноҳияи хидматгузорони дин сахттар мешавад. Ба ҳамин далел аст, ки дар динҳои қадимиву бостонӣ муъҷизоти бисёр зиёданд. Бештар аз ҳама ин муъҷизотро метавон дар дини сомиҳо ва баъд аз он дар яҳудият ва камтар аз он дар ойини Буддо ва таълимоти Конфутсий ва оинҳои тотемӣ ва камтар аз инҳо дар масеҳият ва боз камтар дар дини охир, яъне дини ислом ҷӯст. Далели дигар барои беҳтар будани ислом низ шояд ҳамин аст.

Аз инҳо, ки бигзарем, дини ислом дур аз масоили ғайритабиист. Дар раъси он Ҳазрати Муҳаммад (с) вуҷуд дорад, ки дар таълимоти худ асоси тамоми адёни муқаддасро дар худ дорад ва бо хеле аз ҳақоиқи дини масеҳият низ ҳамгомиву наздикӣ дорад. Зеро поя адёни Илоҳӣ Худост. Таълимоти адён низ дар ҷиҳати ташвиқи инсонҳо дар имон ба Худост. Бинобар ин, он чӣ ин таблиғу вазифаро беҳтар ба анҷом бирасонад, эҳтироми бештаре хоҳад дошт ва он дини ислом аст. Маро бубахшед, ки инчунин муфассалу тӯлонӣ менависам, далел он аст, ки Шумо ақоиди маро дониста ва онҳоро ба писарони худ мунтақид карда ва онҳоро дар масири таълолӣ роҳбар бошед. Моҳияти аслии дин ҳақоиқ аст, ҳақоиқе, ки бар торикиҳо партав афканда ва зеботарин коре, ки инсонҳо метавонанд анҷом диҳанд, имон ба ин ҳақоиқ ва дар кулл ба дин аст. Агар фарзандони Шумо вазоифи хешро ҳаммонанди вазифаи инсониву хонаводагӣ анҷом диҳанд, зиндагӣ пур аз оромишу некӯӣ мешавад. Инҷониб намедонам, ки фарзандони Шумо донишу донистаниҳои марбут ба адён ва бахусус исломро то ҳадде медонанд ва ё аслан иттилое аз он надоранд. Ҷавоби ин пурсиш ҳар чӣ бошад, фарқе намекунад, зеро китобҳову манобее ҳаст, ки ба фарзандони Шумо дар ҳар чӣ беҳтар шинохтани адён ва хусусан ислом ёрӣ хоҳад расонд. Вале фаромӯш накунем, ки баъзе аз равишҳо вуҷуд дорад, ки бо номи ислом ва ё дин омодагии комил доранд, то инсонҳоро ба роҳҳои ғалат раҳнамун шаванд. Аз инҳо масалан яке баҳоият аст, ки ибтидо бо номи ислом дар Эрон зуҳур карда ва баъдҳо ба сарзаминҳои Осиёи Сағир омадааст ва дар он ҷо бозуҳои худро тақвият намуда. Баҳоият аз номи Баҳоуллоҳ, ки дар Акко (шаҳр дар Исроил) зиндагӣ мекунад, гирифта шудааст. Ин дин дар Эрон дар солҳои 1817-1892 тавассути Мирзо Ҳусайналӣ ба вуҷуд омадааст. Ин шахс дар соли 1863 дар Бағдод ва қабл аз он дар Табрез иддаои пайғамбариву нубувват кардааст ва ба ҳамин восита давлати Эрон ӯро табъид намуд ва ӯ дар императории Усмонӣ ба зиндагии хеш идома додааст. Баъд аз марги ӯ писараш Абдулбаҳо идомадиҳандаи роҳи падар шудааст. Тариқати баҳоият баъдҳо талош карда ба сурати дин худро нишон диҳад. Баҳоият аз яҳудият ва масеҳият низ нуқтаҳоеро дар бар гирифтааст. Баҳоиён саъй мекунанд дар рӯз се бор намоз бихонанд. Каъбаро ба унвони қибла қабул надоранд ва ҷоеро, ки Баҳоуллоҳ дар он сокин аст, ба унвони қибла пазируфтаанд. Ду китоби муқаддас доранд, ки ба онҳо иқтидо мекунанд. Яке "Баён" ва дигарӣ китоби "Ақдас" аст. Ин бовар ботил аст ва аз тарафи касе набояд мавриди пазириш қарор гирад.

Дини дигаре, ки аз он ба номи ислом бояд дурӣ кард, оинест, ки ибтидо дар шаҳри Қазон зуҳур кардааст ва муридону тарафдорони худро восиевичҳо ном ниҳодаанд, яъне қушуни Худованд. Инҳо низ дар ибтидо хостаанд боварҳои хешро дар қолибҳои инсонӣ ва бовар ба дӯстӣ бино кунанд, аммо бо ин тасаввуроту боварҳо душманӣ кардаанд ва пайравӣ аз онҳо бо ҳар номе чун ислом ва ё дини дигар хатост.

Агар афкори ман ҳадди ақал мӯҷиби нодида гирифтани идеяҳои ғалат бошад, хеле хушҳол мешавам ва дар хотима аз Шумо ва ё фарзандонатон хоҳиш мекунам маро дар ҷараёни фаъолиятҳои худ қарор дода, бад-ин васила маро мамнуну хушҳол намоед.

***Лев Толстой***

# АЗ ТАЪРИХИ ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



*Исфандиёр БАДАЛОВ, докторанти PhD-и факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, мутахассиси Раёсати илм ва инноватсия*

**Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Бисёре аз муҳаққиқон ва сиёсатшиносон давраи инкишофи терроризм ва экстремизмро ба 3 марҳила ҷудо кардаанд.

1. Аз асрҳои миёна то аввалҳои давраи Эҳё;
2. Аз давраи Эҳё то асри XIX;
3. Аз асри XIX то ба имрӯз.

Терроризм ва экстремизм ҳамчун як зуҳуроти зишттарин дар ҷомеаи инсонӣ таърихи дуру дароз дорад. Он дар охири асри XX, дар ҳошияи равандҳои ҷаҳонишавӣ босуръат ташаккул ва рушд ёфта, алҳол барои аксар кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба яке аз хатарҳои мудиҳштарин табдил ёфтааст. Ин зуҳуроти номатлуб минтақаҳои зиёди оламро валангор сохта, одамони зиёдро аз ҷои зисти аҷдодии худ маҳрум намуда, амалҳои пасттарину зишти номатлубро ба насли инсон раво мебинад. Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат дар ҳар як суханрониҳояшон аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамеша ин зуҳурот ва ё пешаи аҳриманиро, ки дар аксари минтақаҳои Осиёву Африка ва Аврупову Амрико доман густурда, ба мисли вабои сироятбор ҳамарӯза ҳудуди маргбори худро паҳн мегардонад, маҳкум намуда, аз ҷаҳониён даъват ба амал меоранд, то бар зидди ин зуҳуроти номатлуб мубориза беамон баранд. Аз ҷумла дар Паёми имсолаашон низ ба Маҷлиси Олии ҶТ иброз доштанд, ки: **"Тоҷикистон ҳамчун сипар на танҳо амнияти худ, балки бехатарии минтақа, кишварҳои пасошӯравӣ ва аврупоиро аз паҳншавии маводи мухаддир, силоҳ, терроризму экстремизм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ таъмин карда истодааст."**

Дар ҳаққиқат, агар ин таҳдиду хатарҳо ва амалҳои зишти гурӯҳҳои террористӣ пешгирӣ карда нашаванд, метавонанд сабабгори нооромиҳои сиёсиву иқтисодӣ ва халалдор сохтани амнияти умумибашарӣ гардида, фарҳанги минтақаҳои гуногунро коста гардонанд. Тоҷикистон барои вокуниши саривақтӣ ба таҳдиду хатарҳои умумиҷаҳонӣ ва баҳри боз ҳам мустаҳкам намудани иқтидори муносибатҳои дохиливу хориҷии худ тадбиру чораҳои муассир меандешад.

Бо ин мақсад дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва дигар шарикони рушд 25-уми майи соли 2018 дар Душанбе "Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароӣ ва тундгароии хушунатомез" доир гардид, ки меҳмонони зиёде аз хориҷи кишвар дар он ширкат доштанд.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои боэтимоди байналмилалӣ айни ҳол дар ҷаҳон тақрибан 500 ташкилоти террористӣ амал мекунанд, ки дорои шабакаи фаромилӣ ва муташаккили сохторӣ буда, ҳамасола дар соҳаи терроризм ва экстремизм аз 5 то 20 миллиард доллар сарф мегардад.

Мувофиқи маълумот дар дунё аз соли 1968 то соли 1980 зиёда аз 6700 амалҳои террористӣ амалӣ шудааст, ки дар онҳо 3668 нафар ҳалок гардиданд.

Дар солҳои 1982 то 2002 дар ҷаҳон наздики 300 амалҳои террористӣ аз ҷониби террористони худкуш аз тарафи 11 ташкилот роҳандозӣ карда шудааст, ки дар натиҷа беш аз 3000 нафар ба ҳалокат расидаанд.

Дар соли 2011, дар маҷмӯъ дар 70 давлати ҷаҳон зиёда аз 10000 амалҳои террористӣ ба вуқӯъ пайваста, дар натиҷаи онҳо зиёда аз 12500 ҳазор одамон ҷон бохтаанд.

Дар соли 2005 дар ҷаҳон 11111 амалиёти террористӣ ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари онҳо 16600 нафар кушта шудаанд.

Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки терроризм ҳамарӯза домани нопок ва ғаразноки худро васеъ намуда истодааст.

Он ҳодисаҳои нохуше, ки аз ҷониби террористон анҷом дода шудааст, аз ёди аҳли башар ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд, дар мисоли он ки 14-15-уми майи соли 1974 амали террористӣ дар Исроил, ки боиси марги 25 нафар ва захмдоршавии 66 нафар гардид; 24-уми марти соли 2001 дар сарҳади Русияву Чеченистон автомобил тарконида шуд, ки дар натиҷа 20 нафар ҳалок ва 100 нафар захмӣ гардиданд; 26-уми ноябри соли 2008 дар Ҳиндустон (Тоҷмаҳал) амали терроaccess хеле даҳшатнок рух дод, ки дар натиҷа тақрибан 166 нафар фавтида, зиёда аз 600 нафар захмӣ гардиданд; 16-уми декабри соли




2014 дар Пешавар, воқеъ дар шимолу ғарби Покистон, дар муассисаи таълимӣ амали террористӣ анҷом дода шуд, ки дар натиҷа 147 нафар кушта шуд ва аксари онҳоро кӯдакон ташкил медоданд; амали террористии рӯзи 11-уми сентябри соли 2001 дар ИМА баамаломада дар таърих яке аз даҳшатноктарин мебошад, ки дар натиҷаи он зиёда аз 2993 нафар ҷони хешро аз даст доданд ва тақрибан 8900 нафар ҷароҳат бардоштанд.

Боиси таассуф аст, аъзоёни бузургтарин гурӯҳҳои террористӣ ва эктремистии сатҳи ҷаҳонӣ зиёдтар аз номи поки дини мубини ислом баромад намуда, ҷавонони гумроҳи камсавод ва онҳое, ки фарҳанги пасти динӣ доранд, ба тарафи худ ҷалб намуда, ба онҳо ваъдаи пулу моли бардурӯғ дода, фатво медиҳанд, ки гӯё бар ин амалҳои зишташон дохили ҷаннат мегардида бошанд, ҳол он ки дохили ҷаннат ва ҷаҳаннам шудани кадом инсонро Худо худ медонаду бас, вале онҳо дар асл номи поки дини исломро доғдор месозанду халос, зеро дини ислом худ шиканҷа ва куштори одамони бегуноҳро маҳкум месозад.

Лозим ба ёдоварист, ки мувофиқи таълимоти дини ислом ва китоби бузурги он "Қуръон" куштани инсон ва рехтани хуни ноҳақ бисёр гуноҳи азим аст. Чунон ки Худованд мефармояд: **"Ҳар инсоне, ки барқасдона инсонеро мекушад, ҷояш ҷаҳаннам буда, дар он ҷо то абад хоҳад монд. Аллоҳ бар ӯ ғазаб ва лаънату нафрин карда, барояш азоби алимро муқаррар мекунад". (Қуръон 4, 93).**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар ин бора чунин иброз доштаанд: **"Ислом дини тақво, инсофу адолат, сулҳу амният, ахлоқи ҳамида ва талқингари маънавиёти воло буда, ҳама гуна аъмоли зишту носавоб, зулму ситам, озору шиканҷа, хушунату зӯроварӣ ва қатлу ғоратро маҳкум менамояд ва хилофи зуҳуроти глобалии имрӯза, аз қабили терроризм ва эктремизм мебошад".**

Боиси таассуф аст, ки баъзан ҷавонони мо аз сабаби кам доштани донишу фаҳмиш, заиф будани ҷаҳонбиниву шуури сиёсӣ ба доми чунин навкарони шайтон-аъзоёни гурӯҳҳои террористӣ афтида, домони поки миллатро доғдор ва ҳаёти рангини худу наздиконашонро шӯр месозанд. Агар пеши роҳи чунин кирдорҳо гирифта нашавад, оқибатҳои нохуброа дар пай доранд.

Дар шароити имрӯз якчанд масъалаҳое ҳастанд, ки баъзан сабабгори шомил шудани шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ, экстремистӣ, умуман гурӯҳҳое, ки характери таҷовузкорона доранд, мегардад. Яке аз чунин масъалаҳои ҳалталаб тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи идеалҳои олии истиқлолият, худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад. Албатта, дар шароити имрӯза як қатор монеаҳо ва мушкилоте ҳастанд, ки садди роҳи ҷараёни тарбия мегарданд. Новобаста ба ин, фикр мекунем, ки тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ метавонад садди роҳи шомил шудани шаҳрвандон ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ гардад.

Мушкили дигаре, ки сабаби шомил шудани шаҳрвандон ба гурӯҳҳои террористӣ мегардад, ин нобаробарии дараҷаи дониш, фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ, шуурнокӣ ва маданияти сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки қисме аз шаҳрвандони мо ба моҳияти истиқлолият, худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ сарфаҳм нарафта, ба сафи гурӯҳҳои иртиҷоии террористӣ мепайванданд.

Дар ин набард моро зарур аст, ки дар раванди тарбияи шаҳрвандон бар он муваффақ гардем, то дараҷаи дониш, фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва шуурнокии сиёсии ҳар як шаҳвандро баланд бардорем, чунки ҳама мардуми Тоҷикистон ба моҳият ва мазмуни истиқлолият, ваҳдати миллӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ сарфаҳм рафта тавонанд. Дар чунин ҳолат вазифаҳои ҷомеаи демократӣ, адолати иҷтимоӣ ва равандҳои асосии эҳёи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ то рафт мустаҳкам мегардад ва ҳеҷ як гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дар мубориза бо мо муваффақ шуда наметавонанд.

Ман пешниҳод менамоям, ки чунин корҳоро анҷом додан барои садди роҳи шаҳрвандонро гирифтан аз пайвастшавӣ ба ташкилотҳои террористӣ муҳим аст:

- Давра ба давра зиёд намудани ҷойҳои корӣ, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва варзишӣ, барои ҷавонону наврасон;
- Роҳандозӣ намудани чорабиниҳои тарбиявӣ-фаҳмондадиҳӣ дар байни волидайн;
- Ба танзим даровардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, беҳтар кардани фаъолияти хадамоти муҳоҷират, омода намудани муҳоҷирони корӣ ба талаботи бозори меҳнат;
- Мубориза бо фасодкорӣ ва ришвахурӣ дар ҳама сохторҳои давлатӣ, махсусан дар муассисаҳои таълимӣ;
- Баланд бардоштани масъулияти падару модар ва назорати ҷиддӣ аз болои фарзандон;
- Назорати ҷиддӣ аз болои фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ;
- Ҳамкории аҳолӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва эътимод байни онҳо;
- Ҳамоҳангсозии тарбияи ахлоқии ҷомеа бо тарбияи ҳуқуқӣ;
- Муборизаи тамоми қишри ҷомеа алайҳи терроризм ва экстремизм;
- Баланд бардоштани сатҳи дониши дунявӣ, динӣ ва маърифати ҳуқуқӣ;
- Дуруст ба роҳ мондани тарбияи оилавӣ;
- Мукаммал гардонидани фарҳанги иттилоотии аҳолӣ.

Халқи тоҷик аз азал халқи дорои таърих у фарҳанги ғанидошта маҳсуб ёфта, дар ягон давру замон истиқлолият ва ваҳдати ҳеҷ давлатеро халалдор насохтааст. Тоҷикон ҳамеша баҳри пос доштани таърих у фарҳанг ва ҳифзи истиқлолияту ваҳдат ҷонбозиҳо намудаанд. Аз ин лиҳоз, мо ҷавононро мебояд, ки ҳамеша бар ин ватану ин меҳан содиқ бошем ва ҳамеша бар зидди зуҳуроти имрӯза-терроризм ва экстремизм мубориза барем. Чунки терроризм ва экстремизм яке аз падидаҳои шуми замони муоссир ба шумор рафта, ба бақои одаму олам таҳдид мекунанд.



## НИГАРОНИИ КОТИБИ ГЕНЕРАЛИИ САҲА ТОМАС ГРИМИНГЕР АЗ ҲУЗУРИ ТЕРРОРИСТОНИ НАҲЗАТӢ ДАР АВРУПО

Дар Котиботи Созмони аҳдномаи дастаҷамъӣ (СААД) дар ш.Москва, санаи 25 апрели соли 2019 ҷаласаи корӣ байни ин ташкилоти байналмиллалӣ ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) доир гардид.

Дар ҷаласа намояндагони давлатҳои аъзо, ҳайати Котиботи СААД ва намояндагони САҲА бо роҳбарии Котиби генералии ин созмон Томас Гримингер ширкат варзида масъалаи тақвият бахшидани ҳамкориҳоро байни ин ду созмони байналмилалӣ баррасӣ намуданд.

Ҷонибҳо муборизаи дастаҷамъона ба муқобили ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва террористиву экстремистиро ба хотири таъмини амнияту субот дар минтақа ва ҷаҳон самти афзалиятноки кори худ унвон карда, омодагии хешро ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳои муфиду судманд дар ин бахш иброз доштанд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ ва эродҳои аз ҷониби СААД ба Котиби генералии САҲА Томас Гремингер расонидашуда, ин минбар додан ба созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ, аз ҷумла, ташкилоти террористии Ҳизби наҳзати исломӣ буд. Аз тарафи Котиботи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ таъкид кардид, ки "САҲА яке аз ташкилотҳои обруманди минтақавӣ ва ҷаҳонӣ буда, ба хотири таъмини амнияту субот дар гушаҳои гуногуни олам саъю кушиши зиёд мекунад. Вале мутаассифона баъзе ташкилотҳои террористиву экстеремистӣ аз иқдомҳои башардӯстонаи ин созмони бонуфуз суиистифода намуда, бо баҳонаи гӯё поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои динӣ ва дунявии худ, аз минбарҳои ин созмони байналмилалӣ ҷор мезананд ва кушиши пинҳон кардани ҷиноятҳои қаблан содиркардаи худро мекунанд.

Котиби генералии САҲА Томас Гримингер барои пешниҳоди маълумот нисбати ТТЭ ҲНИ изҳори миннатдорӣ намуда, қайд кард, ки ин мавзуъ онҳоро низ хеле нигарон кардааст. Қайд кард, ки САҲА як ташкилоте мебошад, ки дар он сохторҳо ва институтҳои гуногун фаъолият дошта, тасмими иштироки баромадкунандагон дар ҷаласаҳои солонаи САҲА аз ҷониби онҳо гирифта мешавад. Хеле мутаассифанд, ки баъзан доираҳои бадхоҳ ин имкониятҳои пешниҳодкардаи САҲА-ро ба манфиатҳои ғаразноки худ истифода мекунанд. Онҳо ин камбудии худро дарк мекунанд ва аз ин рӯ баъди бозгашт ба қароргоҳи САҲА ҳатман як комиссияи босалоҳияте ташкил дода, масъалаи иштироки ашхоси тасодуфиву нолоиқ ба монанди аъзоёни ТТЭ ҲНИ-ро дар ҷаласаҳои ин созмони байналмилалӣ баррасӣ хоҳанд кард.

*Раҳм дар даврони давлат аз забардастон маҷӯ,*
*Муттасил зӯр оварад бар санги зерин осиё. Соиб*



# НАҚДИ ТААССУБГАРОӢ ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРС-ТОҶИК



*Нодира АШУРОВА, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика*

***Масоили таассуб ва таассубгароӣ, ки имрӯз на танҳо тоҷикон, балки ҷомеаи равшанбину озодихоҳ ва тараққипарвари ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Дар адабиёти классикии беш аз ҳазорсолаи форс-тоҷик низ мавриди таваҷҷуҳи тобноктарин донишварони соҳибхираду мутафаккирони сеҳрофарин гаштааст ва мебояд ёдовар шуд, ки он фозилони даҳр аз дасти мутаассибони хирадбохта зиндагиашонро бо ранҷу озурдагӣ ва сахтиҳо тай намудаанд.***

Мо тоҷиконро пайванди ҳазорсолаамон, ки ба адабиёт дорем, намегузорад то пиромуни гузаштаву имрӯзаи он пайваста андешаронӣ накунем. Адабиёти мо он қадар бузург аст, ки қадар нуктаҳои мубҳам дорад, ки ҳанӯз ҳам аз жарфнои он, садафу гавҳарҳои ниҳонии зиёдеро дарнаёфтаанд.

Масоили таассуб ва таассубгароӣ, ки имрӯз на танҳо тоҷикон, балки ҷомеаи равшанбину озодихоҳ ва тараққипарвари ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Дар адабиёти классикии беш аз ҳазорсолаи форс-тоҷик низ мавриди таваҷҷуҳи тобноктарин донишварони соҳибхираду мутафаккирони сеҳрофарин гаштааст ва мебояд ёдовар шуд, ки он фозилони даҳр аз дасти мутаассибони хирадбохта зиндагиашонро бо ранҷу озурдагӣ ва сахтиҳо тай намудаанд.

Аз сарнавишти даҳҳо ва садҳо адибони фарҳехтаву донишварзони оламшумули мо, ба монанди одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Анварии Абевардӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон маълум мегардад, ки дар ҷомеаи гузашта ин тамоили хатарзо ва дастгоҳи харобиовари ҷомеаи мутараққӣ чи ранҷу мушкилиҳо ба балоҳое ба сари фарҳехтагону равшанбинон ва пешбарандагони ҷомеае, ки дар муҳити тангу торики асрҳои миёна монда буд ва онро ба сӯи оядаи неку равшан мисли шамъ дар зулмот рушноӣ мебахшиданд, меоварданд. Аз дарбор ронда шудан ва дар охири умр ба сахтиҳо гирифтор шудани Рӯдакӣ, умри худро дар ғурбату азобу уқубат гузаронидани Ибни Синову Носири Хусрав ва Восифию даҳҳои дигар, тахтакӯлоҳ кардани Анвариву ба сахтӣ кушта шудани Ҳилолӣ ва ғайраҳо натиҷаи амалҳои мутаассибини торикбину сияҳдилу сияҳкорӣ дар ниқоби дину мазҳабҳои шиъиву суннӣ амалкунанда мебошад.

Таассуби динӣ беш аз пеш дар замони вуруду ҳамлаи араб зери дирафши дини ислом дар сарзамини хуррамy ободи Эрони Бузург амал карда, байни мардуми форстабор тухми низоу тафриқа ва ихтилофу бадбиниҳо коштааст. Сарчашмаҳои таърихӣ баёнгари онанд, ки аксари фоҷеаҳо дар таърих аз таассубу пешдоварии шахсони соҳибқудрат ва ё гурӯҳи одамон пайдо шудаанд.

Дар асрҳои IX-X, ки ба замони таъсиси давлатҳои мустақили тоҷикон (Сафориён, Сомониён), рушду тараққии иқтисодиёт ва болоравии худшиносии мардум, ҳамчун забони адабиёту илм мақом ёфтан ва забони расмии давлатӣ қабул гардидани забони тоҷикӣ, инкишофи шаҳрҳо чун марказҳои илму ҳунару савдо, дастгирии ҳокимон аз аҳли илму адаб ва амсоли инҳо рост меояд, намояндагони дину мазҳабҳои гуногун низ дар эътиқоду пайравӣ аз адёну кешу мазоҳиби мухталиф, аз қабили исломy масеҳӣ, яҳудию зардуштӣ, монавиву маздакӣ, ҳанафиву шофеъӣ, муътазилаю қарматӣ ва ғайра озод буданд. Ба вижа, дар давраҳои аввали ҳукмронии Сомониён оташгоҳу дайри муғонро қариб дар ҳар вилояту навоҳии Мовароуннаҳру Хуросон дидан мумкин буд. Ибодатхонаҳои яҳудиён дар Майманаву Балх ва калисоҳои насрониён дар Самарқанд, Ургут, Хоразм амал мекарданд. Дар Нишопуру Сарахс, Ҳироту Фарғона пайравони муътазила, қарматиҳо, шиъиҳо мезистанд. Ҳатто дар бозорҳои шаҳри овозадори Бухоро буту санамҳои гуногун мефурӯхтанд.

Рӯҳониёни ҷараёнҳои гуногуни мафкуравӣ байни худ мубоҳисаҳои гарму ҷӯшон барпо менамуданд. Хурофот ва таассуби динию мазҳабӣ хеле заиф ба назар мерасид. Лекин аз давраи охири салтанати Насри 2 (914 - 943) ихтилофу задухӯрдҳо байни суннихо ва аҳли ташайюъ ба задухӯрдҳои хунин табдил мегардиданд.

Баъд аз он ки таассубу хурофоти мазҳабӣ авҷ гирифта, лашкариёни турку рӯҳониёни сунниву ҷамоат як шуданд, дар охири асри 10 мелодӣ (қарни 4 ҳиҷрӣ) дар Мовароуннаҳр ҳамаи ашхоси барои синфи ҳоким номатлуб бо тӯҳмати қарматӣ будан ба муҳоҷот гирифтор шуданд. Рӯҳониёни ислом ва дарбориён иртиҷоӣ ҳамаи мухолифони худро "қарматӣ", "исмоилӣ", "рофизӣ", "даҳрӣ" номида, ба бединӣ айбдорашон мекарданд. Лашкариёни турктабори саҳронавард, ки дар кори лашкардорӣ дар ин давра дастёб шуда буданд, мекуштанду ғораташон мекарданд, фурсати ба даст гирифтани зимоми давлатдориро меҷӯстанд, ки ба ин мақсадашон низ дар ибтидои асри XI расида тавонистанд. Онҳо худро суннимазҳаб номида, бо роҳнамоиҳои рӯҳониёни мутаассиб тавонистанд, ки намояндагони мазҳабҳои дигари дини ислом, хусусан исмоилию аҳли ташайюъро, ки аксар аз мардуми форснажод буданд, то дер боз бераҳмона қир кунанд. Дар ин куштору хунрезиҳо теғи душман беш аз ҳама ба сари аҳли илму адаби замон - шоиронy донишмандон мерасид.

Ин нуктаро донишманди маъруфи Эрон Забеҳуллоҳи Сафо дуруст дарёфта, чунин менависад: "Ин зардпӯстон бо ҳамаи тазоҳур ба диндорӣ мардуме фосид ва шаробхора, қаттолу ниҳоб буданд ва ҷуз таҳовуз ба аърозу навосими халқ матлаби муҳиме дар пиндори онон набуд. Зулму бедодгарӣ пешаи эшон буд ва ночор дар аҳди тасаллуташон басе аз мафосиду маъоиби ахлоқӣ дар миёни мардум пароканда шуд... Шояд яке аз ҷилваҳои ин нохурсандии эрониён (тоҷикон низ) аз туркон пайдо шудани як навъ асабияти нажодӣ бошад, ки дар осори шуарои он аҳд ғолибан ба сурати ишорати дашномомез ба туркону хӯйи туркӣ ва турктозии онон зоҳир шудааст" (Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон, Деваштич: - Душанбе -2003, саҳ. 17).

Шоири маъруфи асри XI Асадии Тӯсӣ дар "Гаршоспнома" ба ҳамин маънӣ гуфтааст:

***Вафо н-ояд аз турк ҳаргиз падид,***
***В-аз эрониён ҷуз вафо кас надид.***

Акнун қаламрави бузурги Сомониён то даҳ асри дигар зери суми аспони туркони бо номҳои ақвоми гуногун, аз ҷумла туркони чигилӣ, тотору халухӣ (қарлиқӣ), тоифаҳои ғуз (туркманон), тунгуз (туркони қарохитоӣ), қароғузон, қанқулӣ ва қифчоқӣ, ягмову тибетӣ, муғулу ӯзбаку мангитӣ монд, ки онҳо бо сохтани давлатҳои худ бо номҳои Ғазнавиёну Қарохониён (Қарохитоиён), Салҷуқиёну Гӯрхониён, Хоразмшоҳиёну давлати муғул, Темуриёну Шайбониён, Сафавиёну Манғитиён, ки беш аз ҳазор сол дар қаламрави Эрони Бузург ҳукмронӣ карданд, пардохтанд ва ба сари соҳибони аслии ин сарзамин бедодгариҳову бераҳмиҳои зиёд оварданд.

Чунин буд вазъи маргбори тоҷик, ки маншааш ба айшу нӯш гароидани бақоёи Сомониён ва зимоми лашкардориро ба дасти ғуломон турк додан дониста шудааст. Ва чун теғи набард аз кафи тоҷикон рабуда шуд ва муқовимат алайҳи барбарони саҳронавард бесамар буд, хирадмандон бояд чорае месохтанд, то пеши роҳи қатли ом ва вайронкориҳо, бедодгарию хунрезиҳо, бадахлоқиҳо таассуби динӣ ва тафриқаандозию бадбиниҳо гирифта шавад. Ин чора теғи сухани порсӣ - тоҷикӣ буд.

Чунон ки дар боло ишора шуд, диндорони мутаассиб ва рӯҳониёни ҷоҳил беш аз ҳама ба аҳли илм (донишмандони илмҳои дунявӣ) ва адаб (аглаби суханварон донишмандони илмҳои табиӣ низ буданд) дармеафтоданд. Он чи аҳли илмро ба ҳам ё зоҳиран ва ё ботинан муттаҳид менамуд, фикрҳои илмӣ буд. Донишмандони улуми табиӣ ва шоирони равшанфикр новобаста аз вазъи ноҳамвори замон мисли пештара дар мубориза бо ҷаҳолат ва таассуби динии ислом ва ҷаҳонбинии иртиҷоии тасаввуф инкишоф меёфт. Аҳволи моддӣ, маънавӣ ва мавқеи аҳли илму адаби пешқадам хеле душвор буд, зеро озодии афкори илмӣ ва андешаҳо мавҷуд набуд, онро бадбахтии инсон мешумориданд, мухолифини ақидавӣ-рӯҳониёни иртиҷоӣ ба ҳар роҳ ба тозаандешон зарбаҳои рӯҳӣ ва ҷисмонӣ мерасониданд, ба даҳони онҳо муҳри хомӯшӣ задан мехостанд. Ин ҳолатро шоиру донишманди



машҳури форс-тоҷик Умари Хайём аз забони аҳли илму адаби замони худ чунин шарҳ додааст:

***Асрори ҷаҳон чунон ки дар дафтари мост,***
***Гуфтан натавон, ки он ваболи сари мост.***
***Чун нест дар ин мардуми "доно" аҳлӣ,***
***Гуфтан натавон ҳар он чӣ дар хотири мост.***

Муборизаи илмҳои иртиҷоии динӣ ва тасаввуфӣ дар асарҳои Абӯсаид Абулхайр, Имом Ғазолӣ, Саноӣ, Абдуллоҳ Ансорӣ, Ҳоқонӣ, Ибн-ул-Кифтӣ ва ғайра акс ёфтааст. Абӯсаид Абдулхайр дар як рубоии худ ба Абӯалӣ ибни Сино, ки дар бораи ба таври киноя "гуноҳҳои" худро бахшидани Худо сухан рондааст, ҷавоб гуфта таъкид намудааст, ки Худо ӯро нахоҳад бахшид:

***Ибни Сино:***
***Моем ба лутфи ҳақ тавалло карда,***
***В-аз неку бади хеш табарро карда.***
***Он ҷо, ки иноятӣ ту бошад, бошад***
***Нокарда чу карда, карда чу нокарда.***
***Абӯсаид:***
***Эй, нек накардаву бадиҳо карда,***
***В-он ки ба халоси худ таманно карда.***
***Бар авф макун такя, ки ҳаргиз набувад,***
***Нокарда чу карда, карда чу нокарда.***

Аз ин рубоӣ муносибати манфии на танҳо Абӯсаид Абулхайр, балки ҳамаи уламои ҷоҳили ислом ва аҳли тасаввуф ба аҳли илмҳои дунявӣ ва равшанфикрон намудор гаштааст, ки ибни Сино онҳоро "ду-се нодон", "ҷоҳилон" ва "харон" номидааст:

***Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд:***
***Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон ононанд.***
***Хар бош, ки ин ҷамоат аз фарти харӣ,***
***Ҳар, к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.***

Кофир эълон кардани мухолифини ақидавӣ ва шӯрондани мардуми авом ва бесаводу зудбовар ба муқобили онҳо, ки аксар бо фоҷеаҳои хунин меанҷомид, усули дӯстдошта ва равиши осони уламои ҷаҳолатпарасти исломи ортодоксалӣ ва расмӣ буд. Қатли оме, ки онҳо соли 1095 дар Нишопур ва дигар шаҳрҳои Хуросон бо баҳонаи мубориза бар зидди шаковарандагони дин ва Худо ташкил карда буданд, тасдиқи ин даъвост. Дар ин маъракa ҳуҷум ба муқобили онҳое, ки фикри озодихоҳӣ, халқпарварӣ ва зидди таассуби динӣ доштанд, низ авҷ гирифт. Ин воқеаи мудҳиш дар замони зиндагӣ ва зодгоҳи шоиру донишманди шуҳратёри форсу тоҷик Умари Хайём рух додааст. Вазъияти нооромy хатари ҷиддиро эҳсос карда, шоиру андешапарвари бузурги мо барои зиёрати хонаи Худо ба Макка меравад ва танҳо ҳамон вақт аз Макка бармегардад, ки балвои рӯҳониён хомӯш шуда буд.

Моҳияти хонаи Каъбаро зиёрат кардани Хайём ба душманони ақидавиаш-уламои ҷаҳолатпарасти ислом маълум буд. Дар ин бора муаллифи китоби "Таърихул-ҳукамо" Ибн-л Кифтӣ (1172 - 1248) чунин навиштааст: "... Вақте ки аҳли замонаи ӯ (Умари Хайём - А. Н.) вайро дар дин таъна ва сирҳояшро, ки пинҳон мекард зоҳир намуданд, ӯ аз хуни худ тарсида ва инони забон ва қалами худро гирифта, аз барои тарс, на аз барои порсоӣ ба ҳаҷ рафт ва сирҳои нопоки худро фош кард "(Умари Хайём. Рубоиёт, 1955, с. 12).

Хайём рӯҳониён ва умуман арбобони динро ба фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ, нопокӣ ва дорои хислатҳои аз ҳама бад будан айбдор мекард:

***Он қавм, ки саҷҷодапарастанд-харанд,***
***Зеро ки ба зери бори солус раванд.***
***В-ин аз ҳама турфатар, ки дар пардаи зуҳд,***
***Ислом фурӯшанду зи кофир бадтаранд.***

Ин ақида дар ашъори адиби сеҳрофарину нозукбини адабиёти форс-тоҷик Ҳофизи Шерозӣ, ки бо лақаби "Лисонул-ғайб" машҳур аст, боз ҳам барҷаста бозтоб шудааст:

***Май ҳӯр, ки шайху Ҳофизу муфтию муҳтасиб,***
***Чун нек бингарӣ, ҳама тазвир мекунанд.***

Ҳофиз аз мавқеи инсондӯстӣ ба тарғиботи динӣ нигариста, аз номи дин ба халқ зулм кардани рӯҳониёнро фош намуда, гуноҳи золимиро нисбат ба гуноҳи динӣ вазнинтар шуморидааст:

***Мабош дар паи озору ҳар чӣ хоҳӣ кун,***
***Ки дар шариати мо ғайр аз ин гунеҳе нест!***

Ҳофиз ахлоқи ношоистаи алайҳи инсони поктинатро, ки рӯҳониён равона мекарданд, дар амсоли намояндагони дин, сараввал дар рафтори шайху зоҳид медид, ки хилофи қавлашон буд:

***Воизон к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,***
***Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.***
***Шикеае дорам зи донишманди маҷлис бозпурс:***
***Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?***

Ҳофиз ва шоири ҳамзамонаш Убайди Зоконӣ дар ашъори пурмояашон нисбат ба зулму бедодгарии шоҳи замон Мубориззуддин, ки аз худ диндору тақводор месохт ва дар замони ҳукмронии ӯ мардум аз одитарин ҳуқуқҳои демократии халқ маҳрум буд, эътироз кардаанд. Дар натиҷаи сахтгириҳои Мубориззиддин ва ба оташи фитнаву ошӯб доман задани ӯ кори одамони ҷоҳил, мутаассиб ва иртиҷоӣ боло рафт ва ба корҳои дину давлат пешбарӣ шуданд, вале ҳаёти одамони поквиҷдону озодфикр, аз ҷумла Убайду Ҳофиз зери хавф монд. Убайд бо айби дасисабозию сияҳкории диндорони мутаассиб маҷбур шуд тарки зодгоҳ карда ба Бағдод рӯ орад:

***Рафтам аз хиттаи Шерозу ба ҷон дар хатарам,***
***Ваҳ, к-аз ин рафтани ночор чӣ ояд ба сарам!?***
***Меравам дастзанон бар сару по андар гил,***
***З-ин сафар то чӣ шавад ҳолу чӣ ояд ба сарам?***

Ҳофиз аз ин ҳолати баамаломада роҳи халосӣ ҷуста, орзуи рӯзи неку зиндагии хуш намудааст:

***Бувад оё, ки дари майкадаҳо бикшоянд,***
***Гиреҳ аз кори фурӯ бастаи мо бикшоянд?...***
***Агар аз баҳри дили зоҳиди худбин бастанд,***
***Дил қавӣ дор, ки аз баҳри худо бикшоянд.***

Дар бораи гирифтори зулму истибдод гаштан ва ба туҳмату сияҳкориҳои мутаассибину рӯҳониёни иртиҷоӣ дуҷор шудан ва дар ашъори худ бо шиква ва эътироз бархостани намояндагони адабиёти ҷаҳоншумули форс-тоҷик ба гуфторамон метавон идома бахшид, вале фурсати маҳдуд тавони идома додани суханро надорад ва умед аст ба ин мавзӯъ дар оянда рӯ ҳоҳем овард.

*Донаи сӯхта аз барқ намеандешад,*
*Ғами олам чи кунад бо дили ғампешаи мо.* *Соиб*

Анвори дониш
№8 (290), ДУШАНБЕ, 6.05.2019

# ОЗМУНИ "БИКӮШ, ТО ДОНО ШАВӢ" ҶАМЪБАСТ ШУД!



Таърихи 23.04.2019 дар ошёнаи дуюми бинои маъмурии донишгоҳ бо ташаббуси Маркази истеъдодҳои ҷавон ва волонтиёрони фаъоли марказ даври ниҳоии озмуни умумидонишгоҳии "Бикӯш, то доно шавӣ" миёни факултаҳои таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, омӯзгорӣ ва филологияи тоҷик ва журналистика гузаронида шуд.

Саравввал сардори Маркази истеъдодҳои ҷавони донишгоҳ Сайфуддинов Фирӯз суханронӣ намуда, ба кулли иштирокчиёни озмун дар даври ниҳоӣ барор хост. Аъзогии ҳакамон мутахассиси Раёсати илм ва инноватсия Бадалов Исфандиёр ва сардори Маркази истеъдодҳои ҷавон Сайфуддинов Фирӯз буданд.

Дар натиҷа ҷойи 1-ум насиби дастаи "Забоншиносон"-и факултаи филологияи тоҷик ва журналистика, ҷойи 2-юм насиби дастаи "Равоншиносон"-и факултаи омӯзгорӣ ва ҷойи 3-юм насиби дастаи "Исликқлол"-и факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ гардид.

# ИШТИРОКИ ОМӮЗГОРОНУ ДОНИШҶӮЁН ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВӢ

Рӯзҳои 19-20-уми апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара тибқи мактуби иттилоотии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантон, магистрантону унвонҷӯён ва донишҷӯён дар мавзӯи "Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ" бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2019-2021 солҳои "Рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" гузаронида шуд. Дар конференсияи мазкур аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 14 нафар омӯзгорон мақолаҳои илмии худро фиристониданд ва ин мақолаҳо дар китоби конференсия рӯйи чоп омаданд. Дар конференсия ду нафар донишҷӯ ва як нафар омӯзгор ширкат доштанд: Шоҳсанами Ризо,



ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА
ФАКУЛТЕТИ ИДОРАИ ДАВЛАТӢ, ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА РУШДИ САЙЁҲӢ

СИПОСНОМА

сарфароз гардонида шуд ба **Латипов Манучехр** барои иштироки фаъолона дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантон, магистрону унвонҷӯён ва донишҷӯён дар мавзӯи "**Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ**" бахшида ба

саромӯзгори кафедраи илмҳои компютерӣ, Латифов Манучеҳр, донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика ва математика ва Назаров Аминҷон, донишҷӯи соли 4-уми факултаи физика ва математика.

Донишҷӯёну омӯзгорон дар конференсяи мазкур бо маърӯзаҳои худ фаъолона иштирок намуда, аз ҷониби раёсати Донишгоҳи давлатии Данғара бо сипоснома қадрдонӣ гардиданд.

# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМИИ "МАКТАБ БАРОИ ҲАМА"



Таърихи 17.04.2019 дар донишгоҳ аз рӯи лоиҳаи "Муттаҳҳидсозии талошҳои аъзоёни Коалитсия барои таъмини рушди устувори таҳсилоти фарогир баҳри кӯдакони дорои маъюбият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо дастгирии Коалатсияи миллии ташкилотҳои ҷамъиятии волидони кӯдакони имконияташон маҳдуди Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмии "МАКТАБ БАРОИ ҲАМА", бахшида ба яксолагии аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Созмони Милали Муттаҳид ба имзо расонидани Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони дорои маъюбият гузаронида шуд.

Саравввал сухани ифтитоҳиро ноиби ректор оид ба робитаҳои хориҷӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Худойдодова Шарофат оғоз намуда, кулли иштирокчиёни конференсияи мазкурро аз номи ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло самимона шодбош гуфтанд.

Баъдан аз рӯи нақшаи таҳиянамудаи масъулони конференсия ба кори конфронс ҳусни оғоз бахшиданд. Мавзӯи баррасишаванда "Дастрасӣ ба таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" буд. Конфронси мазкур бо пешниҳод ва роҳҳои хубтару беҳтар ҷалб намудан ва сари вақт дасти ёрӣ расондан ба чунин шахсони ҷомеа, ки маъюбӣ ҳастанд, ба итмом расид.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД!

Дафтарчаи имтиҳоние, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2017 ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ (шуъбаи рӯзона) Назаров Қиёмиддин Бобохонович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# АЗНАВСОЗИИ БОҒИ 15-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ КӮЛОБ



Тибқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва гулгаштҳои шаҳри Кӯлоб таъмиру азнавсозӣ шуда истодаанд. Боғи 15-солагии Истиқлолияти давлатии шаҳри Кӯлоб аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тибқи лоиҳаҳои тасдиқгардида, ки аз ҷониби зерсохторҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда шудаанд, бо тарҳи замонавӣ, таъмиру азнавсозӣ гардида, масъулин тасмим доранд, то ҷашни 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта ба истифода диҳанд. Боғи мазкур бо дарахтони ороишиву ҳамешасабз, гулу буттаҳо, фаввораҳои гуногунранг орову зиннат дода шуда, ин татбиқи амалии сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти олии давлату ҳукумати мамлакат баҳри дилхушиву истироҳат ва фароғати сокинону меҳмонони шаҳри Кӯлоб мебошад. Ҳамчунин, тибқи лоиҳа дар боғ майдончаи варзишӣ, майдончаи бозии кӯдакон, пайроҳа барои обу тоби бадан, майдончаи фарҳангӣ, майдончаи истироҳати пиронсолон (занонаву мардона), ошхона барои хизматрасонӣ, 35 адад курсиҳо барои нишаст ва таваққуфгоҳи нақлиёт сохта шуда, барои сокиони шаҳри Кӯлоб пешниҳод мегардад.

Айни замон, корҳои азнавсозӣ идома дошта, масъулин тасмим доранд, ки то ҷашни 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иншоотро ба пуррагӣ ба истифода супоранд. Дар натиҷаи ба истифода супоридани боғи мазкур тамоми шароитҳои зарурӣ барои истироҳату фароғати сокинону меҳмонон, ҷавонон, наврасон ва кӯдакон фароҳам оварда хоҳад шуд.

# ВОХӮРИИ САРДОРИ ГУРӮҲИ ҶАВОНИ "АВАНГАРДИ"-И НАЗДИ ВКД БО ДОНИШҶӮЁН

Таърихи 17.04.2019 дар толори фарҳангии бинои маъмурии донишгоҳ вохӯрии роҳбари гурӯҳи ҷавонони "Авангард"-и назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонов Фирӯз дар якҷоягӣ бо донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Коллеҷи омӯзгории назди ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб доир гардид.

Саравал сухани ифтитоҳиро, ноиби ректор оид ба тарбия Назаров Ҳотам оғоз намуда, кулли иштирокчиёни вохурии мазкурро аз номи ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ ба ин даргоҳи илму маърифат хайрамақдам гуфтанд ва оиди тарбияи насли наврас, ки ояндаи давлату миллат ба ин қишриояндасоз вобастагӣ дорад, суханронӣ намуданд.

Сипас, роҳбари гурӯҳи ҷавонони "Авангард"-и назди ВКД Қурбонов Фирӯз баромад намуда, оид ба пешгирии ҷавонон аз ҳар гуна гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ суханронӣ намуданд. Қайд карда шуд, ки ҷавонони имрӯза дар фазои истиқлолияти давлатӣ умр ба сар мебаранд ва бояд дар ин фазо соҳиби илму маърифат ва касбҳои замонавӣ гарданд, зеро ин давлатро танҳо ба илм, дониш ва ҳунар метавонем обод сохт.



Баъдан, баҳри фаҳмидани пешниҳоду дархости донишҷӯён суханро ба аҳли толор доданд. Донишҷӯи соли 4-уми факултаи молиявию иқтисодии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Шоева Дилноза ба минбари сухан баромада, пешниҳод намуд, ки агар курси мактаби "Шуҷоатмандӣ"-и назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб таъсис дода шавад, ин бисёр иқдоми наҷибонае мешавад баҳри омӯхтани илму маърифати ҷавонони шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои атрофи он. Сипас, донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика ва математикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Манучеҳр Латифов баромад намуда, ҷавононе, ки тибқи Квотаи Президентӣ дар донишгоҳ илму маърифатро аз худ карда истодаанд, табрик ва шодбош намуда, ба меҳмонон саволҳо пешниҳод карданд. Вохӯрии мазкур бо баҳсу мунозира ҷамъбаст шуд.

# ТАШРИФИ ДОНИШҶӮЁНИ ДДМИТ

Рӯзи 18.04.2019 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гурӯҳи омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ташриф оварданд. Меҳмононро ноиби ректор оид ба таълим Холиқов Сафар, сардори Раёсати тарбия, Гулов Рустам ва сардори шуъбаи кор бо ҷавонон Шарипов Назрулло дар якҷоягӣ бо донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ дар саҳни бинои маъмурӣ пешвоз гирифтанд.

Мақсад аз ташрифи меҳмонон ба ин боргоҳи илму маърифат, пеш аз ҳама мустаҳкам намудани риштаи дӯстӣ миёни ин ду муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шинос шудану аз наздик дидани мавзеъҳои таърихии шаҳри Кӯлоб ба ҳисоб мерафт. Меҳмонон ҳама якҷо ба толори фарҳангию фароғатии донишгоҳ ворид гардиданд. Сарвал, сухани ифтитоҳиро ноиби ректор оид ба таълим Холиқов Сафар оғоз намуда, аз номи ректори донишгоҳ кулли омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳи дар боло зикргардидаро ба ин макони илму маърифат хайрамақдам намуданд ва ба кулли меҳмонон рӯзномаи донишгоҳ тақдим карда шуд.

Сипас, аз тарфати хонаи маданияти донишгоҳ баҳри болидахотирии меҳмонони азиз як дастагули суруду таронаҳо тақдим карда шуд, ки дар ин базм донишҷӯёни донишгоҳ ҳунари волои худро ба меҳмонон пешкаш гардониданд. Чорабинии мазкур бо рақсу тарона ва шодию фараҳи донишҷӯёни ин ду муассисаи олӣ ба итмом расид. Баъди анҷоми барномаи ҳунарӣ меҳмонон аз боғчаи кӯдаконаи "Ситора"-и назди донишгоҳ дидан намуданд.

*Аз дами сарди хазон барге, ки меафтад ба хок,*
*Аз ҷаҳон бебарг рафтан ёд меояд маро. Соиб*



# ГЕНЕРАЛҲОЕ, КИ ДАСТПАРВАРОНИ ДОНИШГОҲАНД...

**Як зумра дастпарварони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун арбобони намоёни давлату сиёсат, олимону донишмандони маъруф, ҳунармандону адибон ва журналистони варзида тавонистанд, ки симои ҳақиқии донишгоҳро дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он муаррифӣ намоянд.**

**Аз байни хатмкардагони ин боргоҳи илму маърифат бо ифтихор номҳои генералҳо Абдураҳмон Азимов, Саймумин Ятимов, Нуралӣ Назаров, Давлат Бобоев, Шариф Салимов, Аҳтамшоҳ Саидшарипов ва дигаронро меоварем.**

**Дар ин шумора хостем, то шарҳи ҳоли чанд генералро пешкаши хонандагон намоем.**

**АЗИМОВ АБДУРАҲМОН РАУФОВИЧ.** 10.01.1950 дар шаҳри Кӯлоб дар хонадони хизматчӣ таваллуд шудааст.



Ходими давлатӣ буда, унвони генерал-лейтенанти қӯшунҳои сарҳадиро (2002) соҳиб аст. Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти руси Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1972) ва курсҳои олии такмили ихтисоси кадрҳои Комитети бехатарии давлати СССР (дар шаҳри Алмаато, 1986) мебошад. Таҳсил дар мактаби миёнаи №2 шаҳри Кӯлоб (1956-1964), донишҷӯи омӯзишгоҳи тиббии Кӯлоб (ҳоло Коллеҷи тиббии Кӯлоб) ва ҳамзамон хонандаи мактаби миёнаи шабонаи коргарҷавонони №3 шаҳри Кулоб (1964-1967), корманди тиббии беморхонаи шаҳрӣ (1967-1968), донишҷӯ (1968-1972), омӯзгори кафедраи забони русӣ ва забоншиносии умумӣ (1972), хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ (1972-1973), омӯзгори кафедраи забон ва адабиёти рус (1973-1974), раиси комитети муттаҳидаи иттифоқи касабаи ИДПК (1974-1977), инструктори шуъбаи тарғиботу ташвиқоти комитети партиявии шаҳри Кӯлоб (1977-1982), корманди хурди намояндагии КБД СССР дар назди мақомоти бехатарии Ҷумҳурии Демократии Афғонистон (ҶДА, 1982-1986), намояндаи фаврии КБД РСС Тоҷикистон дар вилояти Кӯлоб (1986-1990), сардори шуъба (1990-1991), ёрдамчӣ, муовини сардор (1991-1993), сардори Раёсати КБД дар вилояти Хатлон (1993-1994), котиби Шӯрои амнияти ҶТ (1996), муовини Сарвазири ҶТ (1996-1999), вакили Маҷлиси намояндагони МО ҶТ аз ҳавзаи интихоботии №37-и шаҳри Кӯлоб (2000-2005), мудири Шуъбаи мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005-2008), Раиси Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати ҶТ (2002). Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии ҶТ (2002-2005). Соли 2012 сардори Омӯзишгоҳи олии сарҳадии КДАМ ҶТ кор кардааст. Азимов барои хизматҳои шоён бо орденҳои "Ситораи Сурх" (1990), "Сомонӣ" (1999), "Спитамен" (дараҷаи 1) (2013), медалҳои "Барои шуҷоат" (1982), "Ба ҷанговари интернатсионалист" (1984), "70-солагии СССР" (1988), "Барои хизмати шоён" (дараҷаи III) (1991), "Ҷанговари интернатсионалист" (1988) Ифтихорномаи Қӯшунҳои сарҳадии СССР (1990) мукофотонида шудааст.

**ЯТИМОВ САЙМУМИН САТТОРОВИЧ.** 23.07.1955 дар деҳаи Туғули ноҳияи Фархор дар хонадони зиёӣ таваллуд шудааст.



Сиёсатшиноси тоҷик, арбоби давлатӣ, доктори илмҳои сиёсӣ (2003), профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, генерал-лейтенант (2011). Хатмкардаи факултаҳои забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1976) ва ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ, 2000) мебошад. Таҳсил дар мактаби миёнаи №15 ноҳияи Фархор (1961-1972), донишҷӯ (1972-1976), муаллими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёнаи №10 ва №15 ноҳияи Фархор (1976-1977), хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ (1977-1979), фаъолият дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (1977-1996), сафир оид ба супоришҳои махсус, муовини сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон (1996-2000), сардори Раёсати Вазорати амният дар шаҳри Душанбе, муовини вазири амният (2000-2005), муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005-2007), сафири мухтор ва фавқулодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия, Сардори намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо, сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Нидерланд, сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Люксембург, намояндаи доимии Тоҷикистон дар ЮНЕСКО (шаҳри Париж, Фаронса), намояндаи доимии Тоҷикистон дар НАТО (шаҳри Брюссел, Белгия) (2007-2010), муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010). Аз соли 2010 раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар мавзӯи "Асосҳои идеологии сиёсати хориҷии Ҷумҳури Исломии Эрон (2001, Душанбе) рисолаи номзадӣ ва дар мавзӯи "Хоменеизм ва идеологияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ" (2003, Душанбе) рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Дар осори илмии ӯ зарурати дар ҷомеа тақвият додани идеологияи илмӣ, назария, дидгоҳ ва ҷаҳонбиниҳое матраҳ гардидаанд, ки манфиатҳои аслии давлати миллӣ - таъмини амният, фароҳам сохтани шароити мусоид барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодиро таҷассум менамоянд. Ҳамчунин, аз ҷониби ӯ мавзӯъоти муҳими дипломатияи муосир, масъалаҳои геополитикӣ, истифодаи захираҳои обӣ ва ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар бахши гидроэнергетика мавриди тадқиқ қарор дода шудаанд. Қисмате аз мақолаҳои илмии Ятимов ба масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ - тадқиқи сабк, усул ва ҷавҳари эҷодиёти намояндагони бузурги адабиёти классикии тоҷик бахшида шудааст. Теъдоди зиёди асару мақолаҳои илмиаш ба хотири муаррифии илм, фарҳанг ва масъалаҳои мубрами сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ба забонҳои англисию русӣ таълиф ва нашр шудаанд. Ба қалами ӯ чандин монография, дастурҳои таълимию методӣ ва мақолаҳои илмии бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ тааллуқ доранд. Бо роҳбарии Ятимов як зумра ҷавонон муваффақона рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд. Барои хизматҳои шоиста бо Раҳматнома аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2001), орденҳои "Барои хизмати шоиста" (2001, Душанбе), "Зарринтоҷ" (дараҷаи II, 2013, Душанбе) "Спитамен" (2013, Душанбе) ва медали "20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2013, Душанбе) мушарраф гардидааст.

**БОБОЕВ ДАВЛАТ БОБОЕВИЧ.** 20.05.1947 дар деҳаи Ҷилгаи ноҳияи Шӯрообод (ҳозира Шамсиддин Шоҳин) дар хонадони зиёӣ таваллуд шудааст.



Ходими бехатарии давлатӣ, генерал-майор буда, хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти руси Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 1974) мебошад. Таҳсил дар мактаби 8-солаи "Сарҳадчӣ"-и ноҳияи Шӯрообод (1954-1962), муаллими фанҳои забон ва адабиёти руси мактаби миёнаи № 7-и ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ (1966), хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ (1966-1969), донишҷӯи Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб (ҳоло Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 1962-1966), ИДПК (1969-1974), ҳамзамон котиби комитети комсомолӣ (1972-1975), котиби комитети комсомоли шаҳри Кӯлоб (1975-1976), корманди Кумитаи давлатии бехатарии ҶТ (1976-2002). Аз соли 2002 нафақахӯри давлатӣ. Барои хизматҳои шоён бо ордени "Спитамен" (2002) ва медали "Барои шуҷоат" (1980) сарфароз гардидааст.



**САЛИМОВ ШАРИФ.** 15.05.1953 дар деҳаи Нишораки ноҳияи Шӯрообод (ҳозира Шамсиддин Шоҳин) дар хонадони деҳқон таваллуд шудааст. Генерал-майори хизмати бехатарии давлатии ҶТ (1999) мебошад. Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти руси Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1980) ҳаст. Таҳсил дар мактаби миёнаи №17-и ноҳияи Москва (ҳоло Ҳамадонӣ, 1960-1970), донишҷӯ (1975-1980), хизмат дар дастгоҳи намояндагони Комитети амнияти СССР дар Ҷумҳурии Афғонистон (1980-1981), намояндаи фаврӣ, сардори Раёсати амнияти давлатии шаҳри Душанбе (1981-2004), сардори мактаби олии Вазорати амнияти ҶТ (2004). Ҳоло нафақахӯри дараҷаи ҷумҳуриявӣ буда, бо ордени "Спитамен" мукофотонида шудааст.

**САИДШАРИФОВ АҲТАМШОҲ НОСИРШОЕВИЧ.** 14.07.1957 дар шаҳраки Фархори ноҳияи Фархор дар хонадони хизматчӣ таваллуд шудааст.



Корманди КДАМ ҶТ, генерал-майор, рӯзноманигор, ҷанговар-интернатсионалист, варзишгар, мураббии дастаи футболи "Равшан"-и шаҳри Кӯлоб, иштирокдори фаъоли барқарор намудани сохти конститутсионӣ дар Тоҷикистон ва баргардонидани роҳбарони мухолифин аз Ҷумҳурии Исломии Эрон, намояндаи Вазорати амният дар ҳайати Комиссияи Ҳукумати оштии миллӣ мебошад. Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти руси Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1979) ҳаст. Таҳсил дар мактабҳои 8-солаи №2 ва мактаби миёнаи №5 шаҳри Кӯлоб (1964-1974), донишҷӯи ИДПК (1974-1979), мураббӣ ва футболбози дастаи "Равшан"-и шаҳри Кӯлоб дар кумитаи варзиши шаҳри Кӯлоб (1979-1980), хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ (1980-1982), директори мактаби варзишии шаҳри Кӯлоб ва футболбози дастаи "Равшан" (1982-1984), рӯзноманигори рӯзномаи вилояти "Кулябская правда" (1984-1987), шунавандаи курси кӯтоҳмуддати махсуси Сарраёсати разведкаи Вазорати мудофиаи СССР (1987), корманди Сарраёсати развездкаи ВМ РСС дар шаҳри Қандаҳор, Нангаҳор ва Кобули Афғонистон (1987-1989), рӯзноманигори махсус ва сардори шуъбаи рӯзномаи "Кулябская правда" (1989-1992), фаъолият дар вазифаҳои гуногуни Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ (1992-2011). Аз соли 2011 муаллими калони Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ мебошад.

Ӯ барои хизматҳои шоиста дар Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ ва КДАМ ҶТ бо орденҳои "Барои хизмат ба Ватан", "Ситора"-и Афғонистон, медалҳои "Барои хизматҳои ҷангӣ", "Ҷасорат" ва Ифтихорномаҳои фахрии Президиуми Совети Олии СССР сарфароз гардонида шудааст.

***Таҳияи "Анвори дониш"***

# ТЕРРОРИСТ ВАТАН, МИЛЛАТ ВА ДИНУ МАЗҲАБ НАДОРАД!



*Гулчаҳони АНВАРӢ, ассистенти кафедраи фалсафа*

> *Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст.*
>
> *Эмомалӣ Раҳмон*

Имрӯзҳо шакл гирифтан ва вусъат пайдо намудани фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ ва террористии байналмилалӣ боиси таассуф ва нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Ин падидаи нохуб акнун моли танҳо як давлат нест ва ҷуғрофияи фаъолияти он ба ҷиҳати ҳудуд хеле васеъ мегардад ва ба худ хислати фаромилӣ ва глобалиро касб менамояд.

Ҳамин аст, ки бо сабаби зуҳури ин таҳаввулоти номатлуби замон истиқлолияти давлатҳои алоҳида зери хатар қарор мегирад ва ҳаёти осоиштаи мардуми сайёра дар радифи мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мегардад, ки дар танҳоӣ онҳоро рафъ карда наметавонанд.

Терроризм ва экстремизм аз амалҳое мебошанд, ки пеш аз ҳама ба одамон хатари вазнинро ба бор меоваранд. Бо истифода аз он кӯшишҳои ҷисману рӯҳан шикасту бартараф кардани рақибони сиёсӣ, нооором намудани бехатарии ҷамъиятӣ, дар зери хавфу тарс қарор додани аҳолӣ, зери фишор қарор додани ҳокимият ва маҷбур намудани он барои қабул намудани қарорҳои барои худ мувофиқ, бадному сиёҳ намудани ҳокимиятҳои сиёсӣ дар давлатҳо, таъсирҳои равонӣ расонидан ба шаҳрвандон, хусусан ҷавонон ба ва ин монанд дигар бадкориҳои хавфноки барои ҷомеаи солим нописанд ба вуҷуд меояд.

Бояд гуфт, ки амалҳои зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқир ва паст задани шаъну шарафи инсон, хусусан гурӯҳҳои дигари этникӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат, метавонад эътирозро ба вуҷуд оварад, ки он дар маҷмӯъ ба амалҳои ифродгарой оварда мерасонад. Таърихи афкори назариявии ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки идеологияҳои ифродгарой ба ҷиҳати асл ва моҳияти худ ҳамчун ҳодисаи сиёсӣ ба миён меоянд. Ҳамин аст, ки ифротгароиро олимони ҷомеашинос пеш аз ҳама ба сурати зуҳуроти аз ҷониби ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шакли амалҳои воқеан чапгаро инъикосёфтае таҷассум намудаанд, ки дар ниҳоят кор ба бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва азони худ кардани вақолатҳои он, барангехтани низои наҷодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват мекунад. Бо назардошти ин дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир барои кишвари азизамон Тоҷикистон муҳим аст, ки новобаста аз қабули барномаҳои мушаххаси давлатӣ дар сатҳи мубориза бо амалҳои халалпазири ифротӣ бо иштироки тамоми қишрҳои ҷомеа консепсияи мукаммали мафкуравии миллиро барои худ ташаккул диҳем, зеро набудани идеалҳо ва ҳадафҳо дар зиндагӣ, бахусус ба ташаккул шахсияти ҷавонон, ки аз ҳама гурӯҳи осебпазири ҷомеа мебошанд, таъсири ниҳоят ногувор ва манфӣ ба бор меоварад. Барои ин табақаи иҷтимоӣ мавҷуд будани идеалҳои мушаххас ва ҳадафҳои равшан ба хотири рушди андешавӣ ва шаҳрвандии шахсият мақоми махсусро касб менамояд.

Коршиносони омӯзиши масъала бар ин назар ва ақидаанд, ки аксар ҷавонони бо гуноҳи ифротгароӣ маҳкумшуда бо сабаби дониши пасти динию дунявӣ, надоштани машғулият ва ҷои доимии кор, пайваста дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанашон гумроҳ шудаву ба доми афрод ва гурӯҳҳои ситезаҷӯ афтодаанд.

Бо назардошти ин моро зарур аст, ки пеши роҳи ин падидаи нохубро гирем ва ба васеъшавии ин гуна равияҳо роҳ надиҳем. Ҷавононро ҳамчун нерӯи созанда дастгирӣ намуда, дар рӯҳияи ватандӯстию инсонпарварӣ тарбия намоем.



*Исмоил СУЛТОНОВ, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он*

# УМРРО ҒАНИМАТ ДОНЕД!

Умр ин беҳтарин неъмат мебошад. Бояд инсон ин неъмати бебаҳоро дар як лаҳзаашро самаранок истифода барад, чунки гузашти умр дарёеро мемонад, ки орому хомӯш ба як самт равон аст, аммо боре ҳам ба пушти худ назар намекунад. Аз ин хотир, бояд ҳар як фард ба қадри ин ганҷи бебаҳо бирасад, зеро умр тез гузарон аст. Пас, барои чӣ инсонҳо боз ҳам беparвоиро ихтиёр мекунанд?

Дар ин умри начандон зиёд нафароне ҳастанд, ки умри худро беҳуда гузаронида, боре кореро анҷом надодаанд, ки ба манфиати мардум бошад.

Рӯзе аз рӯзҳои тобистон пас аз онҷоми кор ба сӯи хона равон будам, ки ногаҳон бо нафаре рӯбарӯ гаштам. Чеҳрааш бароям ошно буд, зеро мо зуд-зуд дар кӯчаву роҳравҳои шаҳр ҳамчун роҳгузар вомехӯрдем. Синну солаш ба ҷое расида асту либосҳои чиркину бадбӯйро ба бар намуда, мутаассифона, дар ягон ҷойи муайяне кору фаолият намекардааст.

Ин мардро мебоист дар ин дунё ба корҳое машғул мешуд, ки ба садҳо нафари дигар дасти кӯмаки худро дароз мекард, аммо ҷойи таассуф аст, ки роҳи нодурустеро барои худ интихоб кардааст, ки кораш аз



саҳар то шом дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ бо ҳар як нафаре, ки рӯбарӯ мегардад, тарафаш даст дароз карда, пул металбад. Дар дасташ як навиштаҷоте аст, ки дар дохилаш навишта шудааст: "Фарзандони бемор дорам, илтимос ба ман кӯмак расонед." Пулҳои аз ҳисоби талбандагӣ ба даст овардаашро барои таъминоти оила нею барои нӯшидани шароб истифода мебурдааст халос.

Агар нафаре новобаста аз ҷинсияташ ба вай пул надиҳад, бо як овози нохуби худ ончунон дашномҳои қабеҳ бар вай медиҳад, ки ҳатто аз руйи ин феъли нохубаш борҳо бо мардум даст ба гиребон шудааст.

Мо ба иззати нафси касе расидан нестем, лекин дар баъзе ҳолатҳо аз ин гуна одамон нафрати кас меояд, ки наход дар ин дунёи дурӯза иҷозат диҳӣ, ки бо чунин феълу рафтор умри пурқимати худро паси сар намоӣ. Баъдан рӯзе шунидем, ки ин мард вафот кардааст. Лоиқ Шералӣ гуфтааст:

***Ин умр ғанимат нашумурдӣ, рафтӣ,***
***Пур хӯрдӣ ва ё ҳеҷ нахӯрдӣ, рафтӣ.***
***Дар матни замона ҳеҷ ҷоят ки набуд,***
***Дар ҳошияи замона мурдӣ, рафтӣ.***

# ҲОДИСАҲОИ ФЕНОЛОГӢ ВА АҲАМИЯТИ СӮЗАНБАРГОН ДАР ТАБИАТ



*Афзалшоҳ РАҶАБОВ, магистранти соли дуюми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Фенология илмест, ки ҳодисаҳои мавсими даврӣ ва ҳаётгузарони ҳайвонот (наслгузорӣ, пӯстивазкунӣ, ҷойивазкунӣ) ва дар растаниҳо (гардолудшавӣ, хазонрезӣ, мевакунӣ, гулкунӣ) ва ғайраро меомӯзад. Махсусан, дар растаниҳои сӯзанбарг он хуб аён буда, баъзе намояндагони ин растаниҳо баргашон аз ду то се сол умр дида, ба ҷойи онҳо баргҳои нав пайдо мешаванд.

Дар Тоҷикистони биҳиштосо ва офтобрӯяи мо 4513 намуди растанӣ мерӯяд, ки аз ин шумора садҳо намудашонро сӯзанбаргон ташкил медиҳанд. Асосан дар ватани мо аз сӯзанбаргон бештар сарв, санавбар, арчаи туркистонӣ, арчаи зарафшонӣ, арчаи сибирӣ, сарварча мушоҳида мешаванд, зеро ин намудҳо хусусияти хуби мутобиқшавиро доро мебошанд. Махсусан, макони инкишофёбии ин гурӯҳи растаниҳо, доманакӯҳҳо ва дигар мавзеъҳои муҳофизатӣ мебошад. Дар боғи ботаникии шаҳри Кӯлоб бо роҳбарии устодон ва дигар кормандони ин муассисаи илмӣ аз хориҷи кишвар чандин навъҳои сӯзанбаргон парвариш шуда, боиси баҳрамандии сокинон ва истифодабарӣ дар корҳои илмӣ қарор дорад.

Афсус, ки тайи солҳои охир бо таъсири антропоген (таъсири инсон) имрузҳо ба ҳама қисмҳои табиат, аз ҷумла растаниҳо ҳодисаҳои фоҷеанок аз қабили несткунии растаниҳо, сухторҳои васеъ дар ҷангалзорҳо боис ба он мегардад, ки табиат ҳолати худро тағйир дода садамаҳои калони молию ҷониро ба бор меорад. Зеро ҷангалзорҳо аҳамияти глобалӣ дошта, дар тағйирёбии иқлим, ҳосилшавии гази оксиген ва аз шусташавии қабати болоии хок (эрозия) ва дигар манфиатҳои бузургеро доранд. Растаниҳо аз қабили сӯзанбаргон, ки меваашон чалғуза мебошад, тарқрибан хушбӯ ва ширин буда, дар онҳо 40% қанд (фруктоза ва глюкоза) дошта, дар занҷираи ғизоӣ барои паррандагон, инсон бошад, онро дар саноати атриёт, хӯрока ва тиб ба таври васеъ истифода мебарад. Ҳар як фарди оқилу фарзонаро мебояд, ки баҳри ҳифзи муҳити зист, олами ҳайвонот ва наботот камари ҳимат баста, дар сарсабзиву хуррамии диёри маҳбубамон-Тоҷикистони азиз саҳмгузор бошем.

# ДАР ҲАВАСИ САМОИ ТУ

*Мурғи ҳумои қалби ман дар*
*ҳаваси самои ту,*
*Дил пару бол мезанад дар*
*қафас аз ҳавои ту.*
*Оташи ишқ аланга зад,*
*чодари осмон бисӯхт.*
*Ин дили ман кабоб шуд*
*дар ду ҷаҳон барои ту.*
*Ханда кунӣ ту гиряро,*
*гиря кунӣ ту хандаро,*
*Дастрасӣ ба ин карам,*
*нест касе ба ҷои ту.*
*Ишқ бурун шуд аз қафас,*
*маст шавад зи ҳар нафас,*
*Оташи пуршарора шуд*
*баҳрам сафо-сафои ту.*
*Кӯза хурӯш мекунад,*
*бода кӣ нӯш мекунад?*
*Хома сурӯш мекунад,*
*бар вараqи санои ту.*
*Ишқ ба осмон равад,*
*зиннати Каҳкашон шавад,*
*Заргари синачоки ман дар*
*ҳаваси вафои ту.*

ЗАРГАР

# ТРИ ОСНОВНЫХ КОМПОНЕНТА ДЛЯ ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА



*Фарзонаи Сабзаали, ассистент кафедры иностранных языков*

Студенты проявляют большой интерес к изучению иностранных языков, и особенно к английскому языку. Вот поэтому нам учителям необходимо использовать такие виды работ, которые будут направлены на развитие их творческой активности. Проблема культурного общения одно из важнейших задач в учебной среде. Наиболее высшей формой обучения для достижения хороших результатов в обучении студентов иностранным языкам является - первое, это необходимо изучить словари по теме, правильно произносить слова и писать их без ошибок, строить предложения с каждым словом, которое выучили. Второе, это работа с текстом как одно из необходимых условий для развития и мышления творческого и успешного усвоения английского языка, пополнение словарного запаса для грамотного и последовательного изложения мыслей говорящего. Передача информации - это текст, который создает на уроках развивающую речевую среду. Третье, это изучение диалогов. Именно при работе с диалогом и текстом мы можем достичь все цели обучения, в которую входит коммуникативная, воспитательная и образовательная среда. Таким образом, студенты могут правильно и быстро изучить английский язык.

*Соиб назар сиёҳ масозад ба ҳар китоб,*
*Фаҳмидааст ҳар кӣ забони ишораро.* Соиб



# SOME MEMORIES FROM 2019TH UNDERGRADUATORS OF THE FOREIGN PHILOLOGY FACULTY



**GOLDEN YEARS OF MINE AT UNIVERSITY**

***Tavfiq Halimov, from Rudaki village, 402 gr.***

In 2014 I had gone done secondary and applied to several universities on national testing center. It seemed that year was not lucky for me and I failed my exams.

In 2015 tried to check my chance again and was succeed with 343 points. Kulob State University was the first university that I had been chosen and I was the third student after two girls of faculty of foreign philology. On the first of September as I remember the first lesson was pedagogy and all beginners, about sixty five, were gathered in one auditory. There was no seat for more than forty students and we had to stand up till the end of lecture. Till that moment I lived in a private world of mine and I did not like communication. It was difficult to adapt with this society. It got me a year to know all students and teachers because on the focus of my attention was not to be known or know them on it was only to learn languages and speaking with foreign languages. The second year of my study at university was more harder than first one, because of problems that I had and I could not focus on my goal. How I spent it? I really don't know. When we were seniors at last I felt I was succeed in a way. The subjects were with English and I could find English speaking friends all over the world and began to practice online and till now I am trying to do my best.

To our respectful educators we are not trying to judge anyone we learnt a lot of things from them and we appreciate everyone who even taught us a word. But the goal of most students in our faculty is to be able to talk what they cannot do after four years of study. Only 10 or 15 % can hardly express their point of views. It is because we hardly can find teachers who could speak taught English perfectly. What are you waiting of us? Being ideal without having ideal but who am I to be listened to. However thanks a lot to all educators who were with us and took us up to this level. I would like to give this question to our principle.

I think goal of all students who came and will come to our faculty with a lot of motivation was and will be learning foreign languages. I hope our teachers will not take them down with their words like "you are all unknowledgeable, you are not learning, you are not trying", or something like "you cannot do this you cannot do that" As I got, students will learn much more from behavior and actions, than from books. Action speaks louder than words.



***Alieva Zamira, Kulob City, 402 gr.***

Four years ago before entering the Kulob State University I heard much about it, about teachers, students activity, but I have never saw these in real. After finishing school I decided to enter to faculty foreign philology, so I did. I will never forget my first years of study. There all things were new for me. I didn't know what days are expected me. Our course mates were from various towns and districts. The days were passed and we stand friend each other. Our teachers taught us on different subjects, my favorite subjects were PCEL (Practical course of English language), pedagogy, psychology, theory of English phonetic, English grammar. Now I am in the fourth course and after 10-15 days I will graduate my University and leave my friends and teachers forever. As a graduator I can say that those days which I spend in this faculty was my golden times, cause I could find the best friends. Also I think that now our group 402 is the best group at faculty. I'm really thankful to dear teachers: Sharifkhojaeva S., Saidamirova M., Mirzoeva Z., Saidova N., Nilufari J., Mirzoev Sh., Odinaev K., Davlatov F., Juraqullov B., Fattoev A., Kamolov F., Sangimadov F. for their good words of encouragement. In conclusion I wish all my teachers and my best course mates good health, happiness and success in their lives. Life is sweet and with friend and our dears we make it sweeter.

Good luck dears!!!





***My name is HUSNIYA Ikromova from group 402.***

Truly say before entering the University I was like an under done meat, but now I know many things except the things which I have to know. I think it is not enough for me, because there are many things to be learned for me. I:

*Changed my English level from beginner to pre-intermediate;

*Learned to set objective objectives of the lesson in the individual plans;

*Learned class management;

*Learned how to use additional materials in the class;

*Learned how to react in different situation in pedagogy lectures;

*Learned how to carry out research work and etc;

Along with this we learned many things from other humanitarian subjects like Philosophy, Psychology, Ethics, Anatomy and other sciences. The most important thing I found many friends here Zamira, Maryam, Firuza, Suhaylo, Tavfiq, Muboraksho and others. I think I will continue learning other things by myself. I am also going to change my level from pre-intermediate to upper-intermediate that is more important for me.



***I am Dustmurodi Saimurod from Dahanavillage.***

I finished school and sent my documents to national center of testing in order to enter to high school. So I was succeed in my entrance exams and came to Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. On the first of September, 2015, I came to the University for my classes. My first day was too hard for me because I didn't know anyone and even I didn't know how to write a lecture. When I came to University I didn't know English so good and tried to learn it as much as I can, and express my opinions in English during the lessons. After some days of study some of our coursemates had debate between each other and I only listened to them and said to myself "How cleaver are they", they were able to speak English but not me, and I decided to join them. So the days have passed and I tried to improve my English and there was many secondary subjects which demand learning. We had many teachers who helped us in learning and taught interesting lessons.

Once when we were first year studentssomeone came to our classroom and said "Your dean has changed, and the new one is very serious and knowledgeable person". As we were first year studentswe afraid of her very much. When she came to our classroom and taught us we said "So she is a person like all of us" and we were glad that she taught us and helped us in every problems which we had during our study. It took us a year or so to begin to speak English and our course mates were successful on it. I am very glad for that we have so kind course mates. During this four years I didn't see any quarrel or any bad talk between them. My second year of study was the same and I can say that I was a little lazy in the third year because of the some problems which broke out hearts in learning. As we know there were many students who know some of subjects better than others but during the terms and exams they took many score than us, and there were many teachers who didn't pay attention to our knowledge and they didn't appreciate knowledgeable people. Of course they broke most of our coursemates. Those were mostly secondary subjects. But it would be better for students to learn the principle subjects than the secondary's. So this is my last year of study and I'm very happy that our group graduate the University with progress.



***Iam Sorbon Sakhiev from village Yol, Shuroobod district, 401 gr.***

Everyone has a goal and wants to reach to their goals. I had such kind of goals and wishes too when I was a schoolboy. My only wish was to become a student that time and happily after finishing the school in 2015 I could enter to the faculty that I wanted to study. I entered at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, faculty of foreign philology. When I came here everything, everywhere and everyone was stranger and unfamiliar for me, because it was second or third time that I was here in Kulob. The only person which I knew was my cousin who was studying in this faculty too. He was the guider for me and everyday had been going to the university together. The first day that I came to the university I was silent and did not talk to anyone, because I did not know them. So, the teachers divided us into 4 groups and I was at group 101. Our lessons were different here. We had been studying till 12 o'clock in the noon and then about one hour we were free and after that we should come back to university again. During one hour we could go to have dinner or to have a rest. That day most of them had found their fellows and their colleagues and they were together, but I couldn't find any friend because I was a very shy person. They went to eat or drink something that first day but I was walking alone in the streets and looking how lucky they were. I spent the whole first week like this and after a week I could hardly talk to some of my course mates. I was a serious person because of my shyness and I didn't even smile. But it did not last long time and after one year I become a person who all the students in my group had known me. I became cleverer than the first days. I couldn't easily talk to someone. I was afraid of talking my feelings and I could not share them with my friends. These are the times that I can never forget, because I can't be like those days again. I became close friend to all of them step by step. I was always with Usmonov M. who was the monitor of our class. After the first year success came to me and everywhere I was successful. I want to give thanks to all our teachers, especially to those who helped me not only to be educated also for teaching me the life lessons and guiding me to the right way. I have not much memories from the past three first years. Most of my memories are from the last year. Because this year I became more successful. I became the "Student of the year" at university and became closer to all teachers and students not only in our faculty or university and also from other faculties and universities. I have memories not only from the university but also from other universities, cities and districts.

So the memories from the four year of students life can't fit in papers that's why I wanted to write some of them down here in my essay.

Now I am spending the last days in our university. Being the student of this university and faculty is proud for me. I want to give a question to myself. What did university give me?

The university gave me the experience of life, gave me the best memories and lot of friends that are enough for me. I proud of my university and I want to study my Master Degree here too. I think I was the luckiest student here. People may go and they are not eternal but the good memories and deeds will remain forever.

# МИНБАРИ

## СТРАТЕГИЯИ САНОАТИКУНОНӢ-ҲАДАФИ ЧОРУМИ МИЛЛӢ



*Зарина АЛИЕВА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар асоси муқарраротӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмӯҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014 ва 2015 баёншуда-анд, таҳия гардидааст.

21-уми январ тахти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар кори маҷлис таъкид карда шуд, ки ба кор андохтаани навбати дуюми Маҷмааи нассоҷии Ҷамъияти саҳҳомии пушидаи "Ҷунтай-Дангара" барои коркарди саноатии қариб 15 ҳазор тонна нахи пахта ва бо иқтидори солонаи 12 ҳазор тонна ришта, корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин "Муосир" ва бунёду навсозии корхонаҳои саноатӣ оид ба истеҳсоли орд, маҳсулоти нассоҷӣ, маҳсулоти сохтмонӣ, қолинбофӣ, таҷҳизоти маишӣ ва бозичаҳои бачагона ва насби нақлиёт ва истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулот барои ноил гардидан ба ҳадафи 4-уми миллӣ-саноаткунонии мамлакат заминаи устувор мегузорад.

## ТАРБИЯ ВА ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ



*Парвиз САИДОВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география*

***Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,***
***Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш. Румӣ***

Ҳар касе, ки дур аз аслу насаб, қавму миллати хеш гашт, боз бар мегардад ба сарчашмаҳои аслии хеш. Инсон чӣ қадар аз фарҳангу маданияти замонавӣ бархӯрдор бошад, боз ҳам дар бобарии он қарзи инсонии ӯст, ки дар ганҷинаи фарҳанги хеш ҷӯёи дурру гавҳари ноёб гардад.

Тарбияи худшиносии ҳар як инсон аз сари гаҳвора оғоз мегардад. Аз аввалин сухани модар, аз аввалин суруди аллаи ӯ нахустин гомҳои тифл дар роҳи худшиносию худогоҳӣ оғоз мегардад.

Чун заминаи аввали худогоҳии инсон аз оилаи ӯ оғоз мегардад, волидайн бояд барои тарбияи тифли хеш дунёро пурғановат гардонаду онро дар партави анъанаю расму оини тоҷикӣ созгор диҳад. Чун ҷавонон дар муҳити хуби хештаншиносӣ ба воя расанд, оянда низ ҳар яки онҳо муҳофизи миллати хеш, номбардори он ва ифтихору фахри он хоҳанд шуд.

Тоҷикистон кишварест, ки решаҳои бисёр қавии фарҳангию маданӣ дорад ва ҷавонони имрӯз дар рӯҳияи худогоҳӣ аз фарҳангу таърихи хеш тарбия ёфта истодаанд.

Оиндаи тақдири миллату давлат дар дасти мо ҷавонон аст. Аз ин рӯ, бояд ин ватанро эҳтиёт кунем!

## ЯТИМОНРО НАРАНҶОНЕД!



*Муясара Абдуллоева, донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*

***Ҳар ки хандонад ятими хастаро,***
***Боз ёбад ҷаннати сарбастаро.***

Тифлакони ятим дар зиндагӣ афсурдаву дилозурда ҳастанд. Барои онҳо ҳаёт гарчанде дар шароити хуб бошад ҳам, маъное надорад, зеро бароятон бузургтарин меҳр, азизтарин ҳастӣ ва умеду орзуҳояшон, ки падарону модаронанд, намерасад. Меҳри падару модарро ба фарзанд ҳеҷ касони дигар дода наметавонад, зеро он аз қалби саршор меҳр буда, фарзанди ҷигарбандро эҳсоси хушӣ мебахшад. Волидон беҳтарин пушту паноҳ, азизтарин дороии олам, пурзуртарин қуввату мадори дилҳои нотавонанд. Онхоро ягон ҳастии ҳаёт иваз карда наметавонад . Бинобар ҳамин, ятимон аз ҳамин меҳри бузург маҳруманд. Онҳоро ҳамеша бо як дилгармӣ ва меҳру муҳаббати самимӣ мебояд парвариш кард.

Ятимонро дастгирӣ кардан, хотирашонро лаҳзае бошад болида гардондан ниҳоят кори савоб аст. Ҳар нафаре, ки ятимонро парасторӣ мекунанд ва дар ҳаёт болидарӯҳу дилгармӣ месозанд, некии бузурге ба даргоҳи Офаридгори созанда ба ҷо меорад. Беҳтарин амали нек парастории ятимон буда, ин афрод дар дунё сазовори осоиш ва ҳушҳолианд. Ба даст овардани дили ятимони бекас ба даст овардани дунёст. Агар ятимеро дар ҳолати нороҳатӣ ва афсурдагӣ вохӯрем, мебояд, то охирин қудрату тавоноӣ онро хурсанд кард, то бекасию ятимияшро эҳсос накунанд. Нороҳат гаштани ятими хастадил ба ҷарохати бузурге шабоҳат дорад, ки ҳамеша сӯз дорад. Дар ҳузури ятимони бекас ҳатто сила кардани сари фазанди хеш норавост.

***Чун ятимеро касе гирён кунад,***
***Молик андар дузахаш бирён кунад.***

## ТЕРРОРИЗМ МАРЗ НАДОРАД!

*Муҳаммадшариф АБДИЕВ, донишҷӯи факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*



***Терроризму экстремизм ватан, дин, мазҳаб надоранд, балки он хатари воқеӣ Ба ҷомеаи ҷаҳонист.***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Имрӯз нисбат ба гурӯҳ ва ҳаракатҳои террористию ифротӣ, ки аз сӯи бархе кишварҳои абарқудрат созмон дода шуда, сармоягузорӣ мегарданд ва бо истифода аз номи дини мубини Ислом, ки дини поку таҳаммулгарост, ба амалҳои террористӣ даст мезананд, хуни ноҳақ мерезанд ва оромию осоиштагӣ ва суботи ҷомеаи башарииро халалдор менамояд, муборизаи оштинопазир бояд бурд.

Бояд тазаккур дод, ки дар конфронси байналмилалие, ки дар Тоҷикистон оид ба ин мавзӯъ гузашт, ҳадафаш баррасии паҳлӯҳои муборизаи беамон бо ифротгароии динӣ ва шинохту собит сохтани дини мубини Ислом ҳамчун дини поку беолоиш, ваҳдату таҳаммулгароист.

Имрӯзҳо дар бархе аз кишварҳои ҷаҳони Ислом, хусусан давлатҳои арабӣ- Сурия, Ироқ, Яман, инчунин Афғонистон амалҳои террористӣ доман густурда, вазъи сиёсӣ дар ин кишварҳо ноором боқӣ монда, мардуми осоишта қурбони амалҳои разилонаи гурӯҳу ҳаракатҳои террористӣ ва ифротӣ гардидаанд.

## ОБ ВА ХИМИЯ

*Зевар АЮБОВА, донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география*



Нақши об дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба ҳама маълум аст. Акнун дида мебароем, ки кори химикҳо бо ин моеъи аҷоиб чӣ гуна вобастагӣ дорад. Ягон ҷараёни табиат бе иштироки он намегузарад. Химикҳо дар лаборатория ва истеҳсолот бе об ҳеҷ кор карда наметавонанд. Онҳо дар вақти омӯхтани хосиятҳои моддаҳо, табаддулоти онҳо, ҳангоми ҳосил карданиҳи пайвастагиҳои нав танҳо баъзан бе об - яке аз ҳалкунандаҳои зӯртарин корашонро иҷро мекунанд.

Ҳоло об ашёи хоми муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Дар баробари ангиштсанг, нафт, гази табиӣ, ҳаво ва якчанд минерал об ба номгӯи захираи ашёҳои хоми аз ҳама асосии саноати химияи ҳозира дохил мешавад. Ба хотир доред, ки бе об ҳосил кардани садҳо тонна кислотаҳои пурҳиматтарин ва заруртарини соҳаҳои гуногуни саноат, ба монанди кислотаи сулфат ба нитрат, ки ҳоло химия ҳосилтезил мекунад, ғайриимкон мешуд. Охир ин кислотаҳо дар натиҷаи дар об ҳал кардани оксидҳои дахлдор ҳосил мешаванд.

Ягон истеҳсолоти химиявӣ бе об кор карда наметавонад. Масалан, барои ҳосил кардани як тонна чӯян 130 тонна об, як тонна никел 800 тонна об, барои таёр кардани як тонна қоғаз 200 тонна об ва барои як тонна матоъ 150 тонна об зарур аст. Инчунин, истеҳсоли электрохимиявии онро низ бояд ба назар гирем. Ба замми ин, ҳосил кардани металҳои ишқории холис ва спирт, этил, металҳои ранга ва воситаҳои шӯянда, шиша, цемент ва ҳатронҳои синтезӣ бе истифодаи чунин реагенти муҳим, ба монанди об имконнопазир аст. Ҳамин тариқ, химия бе об вуҷуд дошта наметавонад ва он дар тараққиёти саноати химия нақши бузург мебозад.

## МУНОСИБАТИ ОМӮЗГОР БО ХОНАНДА



*Изатулло ОДИНАЕВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи хориҷӣ*

Пеш аз он, ки омӯзгор вориди синфхона мешавад, бояд аввал ба сару либоси худ аҳамияти ҷиддӣ диҳад, чунки дар аксари муассисаҳо мо мушоҳида кардем, ки хонандагони имрӯза омӯзгорро аз тарзи либоспӯшиаш ва суханронииаш баҳо медиҳанд. Вакте ки омӯзгор вориди синфхона мешавад, албатта бояд дарси худро бо суханҳои хуб оғоз кунад, то ин ки дар дили хонанда мақому манзалат пайдо кунад, ба мисли "Салом бачаҳо, хуб ҳастед?, Таъбатон болида ҳаст?".

Шукрона бояд кард, ки Тоҷикистони азизи моро ҳар рӯзаш сарсаср ид аст. Омӯзгор метавонад наздиктарин ҷашни миллиро ба хонандагон муборакбод гуфта, каме ҳам бошад дар бораи он маълумот диҳад ва баъд дарсро оғоз кунад.

Омӯзгор бояд ором бошад, суханҳои дилгармкунанда дошта бошад. Вақте ки омӯзгор ба хонанда мехоҳад фармоише диҳад бояд "Шумо" гуфта, ё ин ки номашро гирифта чеғ занад, дурустар хоҳад буд. Дар байни хонандагон омӯзгор бояд идеал бошад. Барои идеал шудан омӯзгорро лозим меояд, ки суханҳои лаҳҷавиро як тараф гузошта, аз суханҳои адабӣ истифода барад, зеро истифодаи бурдани суханҳои адабӣ боиси пешравии хонандагон мегардад ва пешравии хонандагон яке аз нишонаҳои пешравии ҷомеа мебошад.

## ВАФО

НАВҚАЛАМ

*Раҷамо МУРОДОВА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*



***В-он, ки дар кӯҳи вафодорӣ***
***гузар дорад, куҷост?***
***Нолаи зоре, ки дар дилҳо асар***
***дорад, куҷост?***
***Кист дар роҳи вафо аз ҳар***
***чӣ бошад бигзарад?***
***Оҳи дилсӯзе, ки аз лахти***
***ҷигар дорад, куҷост?***
***Не дигар Маҷнун, не Лайлӣ***
***бувад андар замон,***
***Ошиқе аз сӯзи дил шуру шарар дорад, куҷост?***
***Хеш хонад булҳавас Маҷнуни сонӣ бар абас,***
***Лек он Маҷнун, ки аз Лайлӣ хабар дорад, куҷост?***

## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ АДАД

*Саидҷони ТАЛАБХУҶА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика ва математика*



Адад калимаи арабӣ буда, маънояш шумор, ҳисоб мебошад. Истилоҳи ададҳои натуралӣ баробари чопи "Энсиклопедия"-и Фаронса соли (1751-1780) пайдо шуд. Аломатҳое, ки барои тасвир кардани ададҳо хизмат мекунанд, рақамҳо ном доранд. Одамони қадим аввал то ду, баъд то се ва сонӣ то панҷ шумориданро аз худ карданд. Рақамҳои қадимтарин вавилонӣ ва мисрӣ буданд. Рақамҳи римӣ I, V, X, L, C, D, M; Рақами ҳинди 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 0.

Рақами ҳиндӣ аввал ба арабҳо гузашта, ба воситаи онҳо ба Аврупо паҳн шудааст. Бобулиҳо предметҳоро 60-тогӣ, яъне 12-то панҷтогӣ ҷудо мекарданд. Натиҷа ҳамин аст, ки ҳоло мо соатро ба 60 дақиқа ва дақиқаро ба 60 сония ҷудо мекунем. Дар Юнони Қадим аз системаи ҳисобӣ асоси 12 истифода мебурданд. Натиҷаи он ба 12 соат ҷудо шудани рӯз, ба 12 моҳ ҷудо шудани сол ва ғайра мебошад. Одамони давраи пеш барои навишти ададро аз навишти ҳарф фарқ кунанд дар болои ҳарф нишонаи махсус (татлор) мегузоштанд. Дар давраи қадим одамон барои шуморидан аз панҷаи дастоношон истифода мебурданд, пас аз он ки шумораи предметҳо зиёд шуд, панҷаҳои пояшонро низ истифода мебурданд ва баъзан вақт банд ё ресмонро гиреҳ андохта, ба воситаи гиреҳҳо ашёҳоро мешумориданд. Илми ҳисоб (арифметика) дар муддати тулонии таърих оҳиста-оҳиста инкишоф ёфта, замони муосир соҳиб гаштааст.

## ЗАН-ТОҶИ ОФАРИНИШ

*Бахриддини АҲТАМБЕГ, донишҷӯи соли 1-уми факултаи филологияи хориҷӣ*



Зан-модар шахси муқаддас аст. Вақте ки симои ӯ пеши назар меояд, аз чашмони ӯ, аз тамоми ҳастии вай нур меборад. Ин нур роҳи ояндаи ҳаётамонро равшан месозад. Зан модар офарандаи ҳаёту мамот буда, аз ҳама қимматтарини азизтарини шахс дар олам мебошад. Меҳри беҳамтои модар ба мисли хуршеди олам аст, ки ба тамоми олам саховатмандона нур мепошад. Ишқи поки модар ба мисоли чашмаҳои пурҷӯшест, ки дашту биёбонро гулистон мекунад. Ширинтарину гуворотарин ва азизтарин сухан ин модар мебошад.

Бузӯргон гуфтаанд: "Дар хонае, ки зан-модар нест, хушиву рӯшноӣ вуҷуд надорад, бинобар ин, занон шамъу чароғи хонадонанд."

***Зан набошад, зебу зиннат нест дар маъвои мо,***
***Хуш дар сар, равшанӣ дар дидаи бинои мо.***
***Зан набошад, нест дар рӯйи замин нақши ҳаёт,***
***Дон, ки бе зан то абад дар гил бимонад пои мо.***

## МУАММОҲОРО ЁБЕД!

*Муҳаммадалӣ САФАРОВ, донишҷӯи соли 1-уми факултаи молиявию иқтисодӣ*



1. Дар кадом ҳолат тухми мурғ 3 метр мепараду вале намешиканад?
2. Ададе якум 50 фоизи адади дуюмро ташкил медиҳад. Адади дуюм чанд фоизи адади якумро ташкил медиҳад?
3. Як мард аз дӯсташ 50 сомонӣ қарз мегирад ва рафта дуто китоб бо нархи 45 сомонӣ мехарад ва дар дасташ танҳо 5 сомонии дигар мемонад. 2 сомонӣ пули қарзро медиҳад ва 3 сомонӣ дар дасташ боқӣ мемонад. Аз қарзи гирифташуда 48 сомонӣ монд. Агар мо 48-ро ба 3 ҷамъ кунем (48+3=51) 51 мешавад. 1 сомонӣ аз куҷо омад?

# ДОНИШҶӮ

## СУКУТИ МОДАР АЗ ПУШТИ ФАРЗАНД

*Насимҷони САИДАЪЗАМ,*
*донишҷӯи соли 4-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*



Модаре, ки нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз дар батни худ кӯдаки хешро аз тамоми хатарҳо эмин нигоҳ дошт, ҳар лаҳзае, ки ба замин меафтод, аз кӯдаки дар батнаш буда нигаронӣ менамуд, то осебе ба кӯдак нарасида бошад. Модаре, ки барои солим будани фарзандаш чи корҳоеро таҳаммул мекунад ва ҳатто дар вақти таввлиди кӯдак розӣ ҳаст, ки аз баҳри ҷони худ гузарад, то ҷигарбандаш безарар ба воя расад. Аз ин рӯ, мехоҳам лаҳзаи дардовареро, ки мушоҳида намудаам ва дидаам рӯи коғаз биоварам, зеро мо ҷавонон аксар инро ба назар намегирем ва умри худро ба корҳои номақбул сарф намуда, боиси сархам намудани падару модаронамон мегардем.

Дар моҳи июли соли гузашта барои супоридани имтиҳонҳои бародарам ба муассисаи таҳсилоти №51-и шаҳри Кӯлоб рафтем. Пас аз расидан ба ҳавлии муассиса ба пешу пасам менигаристам, зеро дар он ҷо мардуми зиёд ҷамъ омада буданд, ки аксарияташонро модарон ташкил менамуданд. Садои модаре ба гӯшам расид, ки мегуфт: "Аз соати 06:00 инҷониб дар инҷо ҳастем". Ман низ дар он ҷо нишаста, мунтазири бародарам будам ва аҳволи падару модаронро, ки ҳаво хеле гарм буд, мушоҳида менамудам. Модари мушфиқу меҳрубон пайдарпай барои фарзандаш ба сӯи Худо даст бардошта, дуо мекард, то фарзанде, ки аз ҳама чизи дунё барояш қиматтар аст, муваффақ гардад. Имтиҳон то соати 12:00 давом кард. Баъди ба итмом расидани вақт довталабон ба баромадан шуруъ намуданд ва дар ин ҳолат волидонашон бо як чеҳраи кушод ба пешвозашон баромада, якҷоя роҳ сӯи хона пеш гирифтанд.

Хонандаи азиз, мақсад аз зикр гардидани суханони боло ин аст, ки падару модар барои фарзанд чи қадар ранҷу азобҳое мекашад, то ки писар ё духтараш соҳиби маълумот гашта, дар ягон муассиса кору фаъолият кунад ва як зиндагии хуб барпо намояд, аммо баъзе ҷавонон ин кӯшиши падару модаронамонро пушти по зада, он маблағе, ки волидонамон бо чи душвориҳо ба даст овардаанд дар корҳои зишт ва берун аз ахлоқу одоби инсонӣ анҷом медиҳем ва падару модар бошанд, дар назди хешу табор ва ҳамсояҳо бо як ифтихор мегуянд: "Фарзандам дар фалон донишгоҳ ё донишкада таҳсил менамояд".

Аммо намедонанд, ки писар ё духтарашон чӣ кор мекунанд, ё пуле, ки ба онҳо равон карда мешавад, ба чӣ роҳ сарф менамоянд. Дар ин масъала хатои падару модар ҳам ҳаст, зеро дар тӯли чанд соли таҳсили писар ё духтараш як маротиба ба муассисае, ки фарзандаш дохил шудааст, намедарояд, то аз рафтору гуфтор ва илмомӯзии фарзанди худ бохабар шавад. Аз ин лиҳоз, баъзан ҷавонон нисбат ба илмомӯзӣ беэътиноӣ зоҳир намуда, вақтеро, ки аз ҳама чиз қиммату боарзиштар аст, аз даст медиҳанд ва баъд аз ба итмом расидани донишҷӯӣ ҳеҷ чизро аз худ накарда, баромада мераванд. Дар ин ҳангом модаре, ки аз пушти фарзанд дар назди ёру дӯстон ифтихор менамуд, сархам гашта, чизе ба забон оварда наметавонад. Аз ин хотир, мо ҷавонон бояд он заҳмату кӯшишҳои падару модаронамонро пеши назар овард ва худро аз ҳар гуна рафторҳои зишту бадномкунанда дур намуда, вақти пурқиммати худро ба омӯхтани илму маърифат сарф намоем, то дар оянда як мутахассиси хуб ба камол расем ва барои падару модар ва Ватан, ки аз ҳама чизи дунё барои мо арзишмандтар аст, хидмат намоем.

## МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТИИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКМАНИСТОН

*Сорбон УСМОНОВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*



Заминаи сиёсии муносибатҳои Тоҷикистону Туркманистон 27-уми январи соли 1993 бо имзо кардани Протокол "Дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни ин ду давлат" гузошта шуд. Аз моҳи феврали соли 1995 дар Ашқобод сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Сафорати Туркманистон кори худро дар шаҳри Душанбе 26-уми июни соли 1999 оғоз намуд.

Моҳи январи соли 1993 сафари расмии ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Сарвазир ба Туркманистон баргузор гардид. Дар рафти ин сафар 7 ҳуҷҷат ба имзо расид, ки ҳамкориҳои ду давлатро дар соҳаи савдо ва иқтисодиёт муайян мекунад. Дар моҳи июли соли 1995 бо даъвати Президенти Туркманистон Сафармурад Ниёзов Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон Эмомалӣ Раҳмон ба Ашқобод сафари корӣ намуд. Сарони ду давлат дар ҷараёни гуфтушунид масъалаҳои густариш додани ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодиро бо шумули интиқол додани ашёи нафтию газӣ ба Тоҷикистон барраси намуданд. 12-14-уми феврали соли 2008 дар шаҳри Ашқобод ҷаласаи якуми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркманистон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ ба имзо расид. 28-уми апрели соли 2009 дар шаҳри Алма-Ато Президенти ҶТ бо Президенти Ҷумҳурии Туркманистон мулоқот анҷом дод. Ҳозир бошад, базаи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Туркманистон аз 26 ҳуҷҷати ҳамкории расмӣ иборат мебошад.

## ТЕРРОРИЗМ ЯКЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ТАШВИШОВАРИ ҶАҲОН

*Саида ИДИЕВА,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*



***Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амният таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Ҳамроҳ шудани баъзе шаҳрвандони мо ба гурӯҳҳои ифротию террористӣ ҳар яки моро водор месозад, ки барои пешгирӣ кардани ин раванди хатарнок ва вабои аср ҷиддӣ ва дастаҷамъона кор кунем ва давлату Ватани худро аз ҳар гуна хатарҳои даҳшатовар эмин нигоҳ дорем.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Терорризм яке аз масъалаҳои ташвишовар ва ҳалталаби замони муосир ба шумор меравад, ки боиси ба тарсу даҳшат афкандани ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштааст. Дар ин гуна амалиётҳо ҳазорон одамони бегуноҳ нобуд ва шаҳрҳои обод ба вартаи нобудӣ рафтаанд.

Терроризм зуҳуроти ниҳоят хавфноки замони навин буда, бо шаклу тарзҳои гуногун амалӣ мегардад ва онро пешгӯи намудан душвор аст. Терроризм амали номатлуб буда, бар зидди ҳуқуқу озодиҳои инсон аз тарафи ҷонибдорони гурӯҳҳои махсус ва алоҳида равона мегардад.

Мақсади асосии террор амалҳои террориро анҷом додан аст, ки он аз се қисмат таркиб ёфтааст:




1. Ғоя ва омилҳои сиёсие, ки амали террористиро асоснок менамоянд;
2. Фаъолияти зӯроварӣ бо тамоми зуҳуроташ;
3. Худи амали террористӣ, ки ба муқобили кадом объекте равона гардидааст.

Терроризм ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешавад: терроризми байналхалқӣ ва терроризми дохилидавлатӣ.

Терроризми дохилӣ-фаъолияти гурӯҳҳои махсуси ташкилшудаи террористӣ, ки амалиёти худро барои расидан ба мақсадҳои муайяни сиёсӣ дар қаламрави як давлат ба амал меоранд.

Терроризми байналхалқӣ дар навбати худ ба шаклҳои мухталиф тақсим мегардад: терроризми иқтисодӣ (инқилобӣ), терроризми этникӣ (миллатгароӣ), терроризмӣ динӣ.

Роҳҳои пешгирӣ ва дар амн мондан аз ин вартаи нобудӣ тарғибу ташвиқи корҳои тарбиявӣ, ташкили озмӯнҳои бонуфӯз (ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ) ва вохӯрӣ бо шахсони донишманд, таҷрибадор, ҷавонони лаёқаманд ва ғолибони озмунҳо ва исломшиносон мебошад.

## ДӮСТИ БЕҲТАРИН

*Нурулло НАБОТОВ, донишҷуи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ*



Аз он рӯзе, ки инсон худро мешиносад, оҳиста-оҳиста ба донистани оламу одам мароқ зоҳир мекунад. Зиндагӣ бидуни дӯст номумкин аст. Ҳатто дар замони наврасӣ низ ҳамаи мо вобаста ба диду хоҳиши худ ба нафаре дӯст мегардем. Гузаштагон мавқи дӯсти беҳтаринро бисёр ситоиш карда гуфтаанд: "Бародар беҳтар аст ё дӯст? Бародар, ба шарте ки дӯст бошад."

Албатта дар ин маҳфум маънои хеле зиёд мавҷуд аст, ки ҳамаи моро бо қадру қимати дӯст ошно месозад. Дӯстон чанд навъ мешаванд. Агар зумрае ҷонӣ бошанд, гурӯҳе нониву забонианд. Гурӯҳои дигарро ҳаёт маълум мекунад. Дӯсти ҷонӣ он нафарест, ки дар ҳама ҳолат рафиқи худро фаромӯш накарда, баръакс бо ӯ рафтуомад карда, ғаму шодиро баробар тақсим мекунад.

***Мардум гӯянд: Биҳишт хоҳӣ ё дӯст?***
***Эй бехабарон, биҳишт бо дӯст накӯст.***

Наслҳо паи ҳам меоянд ва боз мераванд, аммо дӯст мисли моҳу хуршед ҷовидон аст. Дӯсти беҳтарин ҳамон аст, ки дар ҳама ҳолат туро мефаҳмад ва дар ҳама кору бори рӯзгор ба ту дасти кӯмак дароз мекунад. Дӯсти бехтарин барои ҳар яки мо зарур аст. Дар ин замон пайдо намудани дӯсти беҳтарин хеле мушкил аст. Ҳоло барои пайдо намудани дӯсти беҳтарин талош кунед, зеро дӯсти беҳтарин туро дар ҳама ҳолат мефаҳмад ва кӯшиш мекунад, ки бо шумо хушиву хурсандӣ орад.

## 50 САВОЛ: 100 СОМОНӢ МУКОФОТПУЛӢ

***Хонандагони азиз! Ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" барои таваҷҷуҳи хоссаатон ба Шумо миннатдорӣ баён намуда, баҳратон хушиҳои рӯзгорро таманно доранд.***

***Ҳайати эҷодии рӯзнома бо хости хонандагон мақсад гузошт, ки дар ҳар шумора озмуни саволу ҷавобро пешниҳод кунад. Ҳоло 50 савол ба Шумо пешниҳод мегардад ва ҳар хонандае, ки аввалин шуда ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои дуруст ба идораи рӯзнома ирсол мекунад, насиби 100 сомонӣ мукофотпулӣ мегардад. Ба Шумо барор хоҳонем!***

***Мӯҳлат то 12-уми май муайян гардидааст.***

1. Бонки умумиҷаҳонӣ дар кадом давлат аст?
2. Мақбараи Имомҷаъфари Содиқ дар кадом ноҳия мавҷуд аст?
3. Аввалин мошини боркаш кадом сол ба Тоҷикистон омад?
4. Номи Куруши Кабир чӣ буд?
5. Бозори калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ ном дорад?
6. Аввалин бор суми коғазӣ кадом сол ва дар куҷо ба муомилот бароварда шуд?
7. Аввалин генерал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӣ буд?
8. Нақши Восеъро дар филми "Восеъ" кӣ бозидааст?
9. Аввалин маротиба расми рамзи сулҳ - кабутарро кӣ кашидааст?
10. Дар Амрико намояндагии чанд миллат зиндагӣ мекунанд?
11. Ардашери 1 кадом сол ба тахти шоҳӣ менишинад?
12. Асосгузори монавия Монӣ кадом сол кушта шуд?
13. Асосгузори Маздакия кист?
14. Маънои Анушервон чӣ аст?
15. Достони "Ҳазору як шаб" ("Ҳазор афсона") дар давраи кадом шоҳ навишта шудааст?
16. Дар замони Ҳайтолиён ба ҷойи асбоби ароба кадом асбобро истифода мебурданд?
17. Пойтахти давлати Ҳайтолиён кадом шаҳр буд?
18. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар 32 соли ҳукмрониаш чанд маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашид?
19. Шаҳри Бағдод кадом сол бунёд шуд?
20. Алифбои крилӣ аз тарафи кӣ сохта шудааст?
21. Чашми кадом ҳайвон чоркунҷа аст?
22. Лолаи сиёҳ дар кадом давлат мерӯяд?
23. Сардафтари адабиёти нави хаттии қазоқ кист?
24. Достонҳои "Масъуд" (1987) ва "Искандар" молики кадом шоиранд?
25. Аввлин романи Сотим Улуғзода чӣ ном дорад?
26. "Ҷовиднома" асари кист?
27. Калимаи франк чӣ маъно дорад?
28. Дарёи аз ҳама серобтарини ҷаҳон кадом аст?
29. Пойтахти Лаҳистон кадом шаҳр аст?
30. Кадом обанбори Тоҷикистонро "Баҳри тоҷик" меноманд?
31. Ҷазираи аз ҳама калонтарини ҷаҳон кадом аст?
32. Писари Кайқубод дар "Шоҳнома" кӣ буд?
33. Асосгузори мусиқии тоҷику форс кист?
34. Тилло ба кадом гурӯҳи металҳо шомил мебошад?
35. Кадом материкро материки илм ва сулҳ меноманд?
36. Кадом калимаҳо ба калимаи "деҳа" ҳаммаъноянд?
37. Кадом давлати ИДМ ба Россия сарҳади дарозтарин дорад?
38. Рӯзи дарозтарин кадом рӯзи моҳ аст?
39. Зарраи таркиби атом, ки заряд надорад, чӣ ном дорад?
40. Муродифи калимаи "булбул" кадом калима аст?
41. Пойтахти Испания кадом шаҳр аст?
42. Кадом ҳайвон чор зону дорад?
43. Асосгузори давлати Сосониён кӣ буд?
44. Аввалин роҳи нақлиёти ҳавоӣ дар Тоҷикистон кадом сол ба вуҷуд омад?
45. Дар кадом шаҳри Тоҷикистон истгоҳи барқии атомӣ ҳаст?
46. Кадом илм заминларзаро меомӯзад?
47. Роҳ оҳани Тирмиз-Душанбе кадом сол сохта шуд?
48. Кадом обанбори Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳаҷми об калонтарин мебошад?
49. Як грамм уран баробари чанд тонна ангишт энергия медиҳад?
50. Дарёи дарозтарини дохилии ВМКБ кадом аст?

*Меъёри дӯстони дағал рӯзи ҳоҷат аст,*
*Қарзе ба дасти таҷриба аз дӯстон талаб.* Соиб



# ДАЛЕЛҲОИ ҶОЛИБ АЗ ҲАЁТИ АЛБЕРТ ЭЙНШТЕЙН

Падари бомбаи атомӣ - Алберт Эйнштейнро шояд нафаре набошад, ки нашиносад. Ӯ зодаи шаҳри Улми Олмон аст. 14-уми марти соли 1879 таваллуд шудааст. Аввали таҳсилро дар шаҳри дигари Олмон - Мунихидома дода, онро дар Швейтсария ба анҷом мерасонад, чунки соли 1905 аз Олмон бадарға шуд ва худро ба тобеияти давлати Швейтсария пайваст. Ӯ аввалин нафаре буд, ки Америкоро аз хатари атомӣ шудани Олмон огоҳ намуд. Бо вуҷуди он, ки тарҳи бомбаи атомӣ аз ҷониби ӯ пешниҳод шуда буд, аммо иштирок дар банду басташро рад кардааст. Эйнштейн соли 1955 дар шаҳри Принстони ИМА даргузашт.



Дар ҳаёти ҳама нобиғаҳо факту далелҳои аҷиб мавҷуданд, ки на ҳама аз онҳо воқиф ҳастанд. Аз ҷумла дар ҳаёти Эйнштейн аҷоиботҳое нуҳуфтаест, ки инсонро ба ҳайрат меоранд. Бо истифода аз сарчашмаҳои гуногуни интернетӣ чанде аз онҳоро, баҳри шумо меорем.

Замони таваллуд, Эйнштейн бисёр фарбеҳ буд ва сари бузурге дошт. То сесолагиаш гап намезад ва модараш фикр мекард, ки ӯ ноқис аст.

Дар 17 солагиаш аз имтиҳони донишгоҳ нагузашт, зеро аз фанҳои таърих ва адабиёт баҳои хуб нагирифта буд.

Баъди хатми донишгоҳ ду сол ҷои кор наёфт.

Эйнштейн ҳофизаи хуб надошт. Метавонист формулаҳо ва масъалаҳои риёзиро ҳифз кунад, вале дигар чизҳоро аслан наметавонист ба ёд биёварад, махсусан соли таваллуд ва таъриху шеърро ҳифз карда наметавонист.

Эйнштейн аз ҷавонӣ то марг ҷуроб напӯшидааст, ҳатто дар мулоқотҳои расмӣ.

Дар умраш фақат як бор ронандагӣ кардааст.

Тамоми корҳояш аз дидани як қутбнамо сарчашма гирифтааст. Қутбнамое, ки падараш дар рӯзи таваллудаш ба ӯ ҳадя карда буд. Ӯро кунҷкобӣ водор намуд, то фаҳмад, ки он чӣ тавр кор мекунад.

Ӯ аз достонҳои тахайюлӣ нафрат дошт. Онҳоро барои мардум зараровар медонист.

Соли 1952 баъд аз ташкили давлати Исроил ва марги аввалин раисҷумҳури он Хаим Вейтсман аз Эйнштейн даъват карданд, ки раисҷумҳури Исроил шавад, аммо ӯ инро рад намуд.

Мухолифонаш ӯро кӯдаки пири ҷингиламӯ мегуфтанд, чунки ҳама имконотро дошт, аммо аз он истифода намекард.

Эйнштейн муаллифи 300 кори илмӣ дар соҳаи физика ва 150 кор дар дигар соҳаҳост.

Соли 1910 дар пешниҳоди назарияи нисбият барои гирифтани ҷоизаи Нобел номнавис карданд.

Аз суханҳое, ки дар охири умраш гуфта буд, мухри махфӣ задаанд. Ӯро ҳангоми маргаш зани амрикоие ҳамроҳӣ мекард. Эйнштейн бошад суханҳояшро бо забони олмонӣ гуфта буд.

Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки Эйнштейн ризоят дода буд, то майнаи сараш барои таҳқиқ кардан гирифта шавад. Пас аз 7 соати марги ӯ майнаашро барои таҳқиқ гирифтанд, вале дар ҳамонҷо дуздида шуд.

Аксар далелҳо аз канали ютубии Faiz Ibrohimov оварда шудаанд.

***www.navju.tj***

# НОМАЕ МУНТАШИРНАШУДА АЗ НИМО ЮШИҶ



Бародари азизам!

Баъд аз даҳ сол давраи мулоқот хеле кӯтоҳ буд. Ман бо камоли таассуф ба Осторо омадам. Ҳаргиз намехостам мисли собиқ фақат бо ту аз дур мукотиба дошта бошам. Аммо ин маконе, ки ман дар он уфтодаам, аз баъзе ҳайсҳо наметавонам бигӯям бад аст.

Осторо гӯшае аз таркҳост. Қарияест, ки обод шудааст, барои мардумони мунзавӣ бисёр муфид аст. Йайлоқу қишлоқ - ҳар ду аз инҳо намоён аст. Хеле дӯст дорам ин кӯҳҳои сардсерро, ки аз дур сабзию кабудӣ мезананд.

Аз як тарафи ман ҷангалҳои Толиш аст, ки бо муҳозии ҳамин кӯҳҳо мумтад мешаванд ва аз тарафи дигар, дарёи Хазар ва хурӯши доимии он. Ба назарам меояд, ки дарё вуҷуди зиндаест ва бо ман ҳарф мезанад, вале ман ба ӯ ҷавоб намедиҳам. Чи фоида аз ин дарё ва аз ин инъикоси моҳ дар сатҳи мағшуши он, ки масли таште аз хун аст, дар ҳолате, ки ман чандон аз он баҳра намебарам. Дар ин мавқеъ ман на мисли Массе ишқ меварзам ва на ҳисси Ломартинро доро ҳастам, ки мурoди он ишқи аввали ҷавонӣ бошад ва аз содагӣ бештар ношӣ мешавад.

Ишқи ман бисёр кӯҳна ва шабеҳ ба достонҳое боварнакарданӣ аст, ки вақте кучак будам, дар кӯҳистон барои ман ҳикоят мекарданд.

Ҳар вақт ба ёди гузашта меуфтам, аз ҳар ҷиҳат мутаассиф мешавам. Фикр мекунам, ки қисмате аз умрамро аз даст додаам ва ба он андоза, ки мехостам барои ҷамъият ва худам фоида надоштаам. Вале ман мисли Есенин бечора нашудаам, ки ба нест кардани вуҷуди худ иқдом кунам. Адами фоида фақат дар адам аст. Қатъан ҳеҷ чиз бидуни фоида ва хосият вуҷуд наёфтааст. Ҳол дар муқобили умре, ки сипарӣ шудааст, ғаромате ба ҷуз амал наметавонам дод. Ҷуз ин ки баъзе аъмол ҳаст, ки бояд фақат ба фикри он пардохт ва вуҷуди ноқиси хилқатёфтаи мо очиз аз иҷрои он аст. Ҳар қадар ҳам вуҷӯҳи моддии башарӣ ислоҳ шавад, он аъмол ба ҷои худ боқӣ хастанд.

Дар ҳама ҳол саъй дорам, ки имон ва эътимодамро нисбат ба ақоиди худ зоеъ накунам. Аз дидани чизҳои номулоим ҳатт-ал-имкон асабонӣ нашуда, муборизаи инфиродиро тарк карда, қувоямро маҳфуз дорам. Албатта, ноҳамвориҳои гуногун ва ин ки аз хушӣ ба нохушӣ ва аз нохушӣ ба хушӣ бармехӯрем, аз лавозими ҳаёти моддӣ ва ғайримоддӣ аст.

Билтабиъа, вақте ки зиндагонӣ ба ранҷу заҳмат таъбир шавад, кам-кам аз миқдори ранҷу заҳмати худ мекоҳад. Зеро ки одату иғвои хаёлӣ дахил дар аъмол ва афкор ҳастанд ва мисли илали моддӣ аъзо ва аъсобро дар тахти нуфузи худ доранд. Ба хубу бад ҳар ду метавон одат кард ва далоиле барои руҳҷон ва сеҳати ҳар як ба миён овард. Вуҷуди инсонӣ манбаи далел аст ва истеъдод қабули ҳама ашё. Аз ин ду - қаноат ва сукут, иғтишош, фалсафа, ҳунар, эътимод ба нафс ва ғайра - ҳама чиз зоида мешавад.

Ман ба ҳақоиқе, ки бар ман мусаллам аст, яъне он чи ба иқтизои вазъияти ҳаётии худ дарёфтаам, итминон карда, мехоҳам худро одат бидиҳам, ки дар ин гӯшаи дур аз ҳама чиз, қадре ҳам фикрамро ба масрафи маошам бирасонам. Дар зимн, тасмим бигирам ба ин ки ҳар чи менависам, онро барои интишор ҳозир кунам, ки ҳам аз баъзе ашхос ақиб намонам ва ҳам барои мардум фоида дошта бошам.

Фардои он рӯз, ки ба ин ҷо омадам, ҷавоне фақир ва кӯчагард маро ба маҳали мадраса ҳидоят кард. Ҳақиқатан, бо ин тасмим аз долони мадраса дохил шудам, ки қатъан ҳама рӯз он ҷо ҳозир бишавам. Агар беш аз 46 туман меарзам ва аз қиллати ин маблағ норозӣ ҳастам, дар ботин хушҳолам, ки ба коре машғулам, ки бо он метавонам аз музирроти вазъи таъолими ноқис барои ин зердастҳо ҳатт-ал-мақдур бикоҳам. Ба ҳамин ҷиҳат, ин кор камтар маро хаста мекунад.

Наздики мадраса хона гирифтам. Шогирдҳои ман ба ман муҳаббат меварзанд. Ҳатман онҳоро бештар маҳзуби худ хоҳам сохт. Маводе, ки дарс медиҳам форсӣ, арабӣ, таърих ва ҷуғрофияи мутавассита аст ва қадре аз илме, ки нуқсони фаҳм ва гумроҳиро аз аъқоб гирифта ба ахлоқ медиҳад, яъне илми бадеъ. Инро ҷузва мегӯям. Ман метавонам барои зиёд кардан шогирд ҳам қабул кунам, вале ба ин заҳмат дигар тан дарнахоҳам дод. Маҷбурам ба мудовои амрози аҷибу ғариби мағзи худ бипардозам.

Барои ман аз аҳволи худат ва ҳамагон бинавис. Ба хубу бад - ҳар ду метавон одат кард ва далоиле…

***Бародарат Нимо ЮШИҶ.***

***Манбаъ: Рӯзномаи "Кайҳон", № 8539, 9 даймоҳи соли 1350, ба криллик баргардони Мирзошо Ваваншо***

## 10 КИШВАРЕ, КИ БОСИФАТТАРИН МАОРИФИ ДУНЁРО ДАР СОЛҲОИ 2017-2018 СОҲИБ БУДАНД.




# АКСҲОИ ГӮЁ






## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Ба кроссворди шумораи гузашта 9 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кард: Суфиев Хайриддин (25.04.2019, соати 10:50, 2 хато), Тахминаи Ҷумахон (26.04.2019, соати 14:40, ҳамаш нодуруст), Сафаров Некрӯз (27.04. 2019, соати 10:03, 3 хато), Амиров Файзуллохуҷа (27.04.2019, соати 11:00, бехато), Гиёев Низомуддин (29.04.2019, соати 13:38, 2 хато), Маҳмадиева Фароғат (29.04.2019, соати 15:54, бехато), Давлатов Таваралӣ (29.04.2019, соати 16:10, 4 хато), Давлатзода Сайёҳат (29.04.2019, соати 17:50, 2 хато), Азизова М. (30.04.2019, соати 09:03, бехато).

Чунон ки аз таърихи рӯз ва соати пешниҳоди ҷавобҳо мебинед, Амиров Файзуллохуҷа кроссвордро бо ҷавобҳои дуруст пеш аз ҳама пешниҳод кардааст. Ғолиб устод Амиров Файзуллохуҷа мебошад!

Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад. Дониши худро сайқал диҳед, ҷӯянда бошед ва насиби мукофотпулӣ дар ҳаҷми 100 сомонӣ гардед!

Мӯҳлат то 12-уми май муайян гардидааст.

Рафиқи мактабӣ
Тай кардан
Бенасиб, бесамар
Бедаво, бедармон
... ғанимат аст
Маймун дӯсти Аладдин аз филми тасвирӣ
Маркази князигарии Руси қадим
Бозрасии автомобилӣ
Ошкор, ошкоро
Пойтахти Эстония
Ҷӯяи сабзавот
Шаҳр дар Эрон
Эҷодкунандаи шеър
Хондашаванда
Ғизол ё ҷайрон
Муқобили лалмӣ
Ҷазираи атомӣ дар Малдив
Шаҳр дар Фаронса
Хушҳол, хурсанд
Пулемётчизан дар дивизияи Чапаев
Чути Архимед
Дафтари ашъор
Зеб, зиннат
Ғулом, фармонбардор
Бадан, андом
Фарзанди ака ё апа
Садори ва...
Ёрӣ, кӯмак (китобӣ)
Жанри мусиқии африқоӣ
Сир, маънии пинҳонӣ
Натиҷабарорӣ
Ҷиноят-кор ба ҷазо ... мешавад
Лаззат, баҳрабардорӣ
Антоними калимаи "куҳна"
Падар (лаҳҷ.)
Дузд (русӣ)
Хотирошуфта
Қаср, borгоҳ
Дохил ё худ зиддикорич
Рақами т. мобилӣ чанд адад дорад?
Миллати И. Алиев
Байтҳо
"... беша гумон мабар, ки холист"
Воҳиди масоҳати англисӣ
Донишгоҳ
Дӯсти Петров ва Сидоров
Холабача, тағо ё амма
Рафиқ, дӯст
... Сезар (император)
Устоди Искандари Мақдунӣ
Камтарин, майдатарин
Онро бо волтметр чен мекунанд
Ояти машҳури Қуръон
Моҳии баҳрӣ
Кӯҳҳои арманҳою чеченҳо (русӣ)
Зидди модда
Вин-ни ...
Шаҳр дар Чат
Мошини рамзаш чор ҳалқа
Тими футболи Англия
Бе..., шахси қувваташ кам
Унсури кимиёвии радиоактив
Тасмим, ният
Ширкати қандии Эрон
Мирсаид Алии ...
Устувор, шах
Паймони заношӯӣ бастан
...бонк






Ҷавобҳои кроссворди шумораи № 7 (289) аз 25.04.2019

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Б | О | Д | И | Қ | Қ | А | Т | | Д | Р | Е | З | Д | Е | Н | | |
| С | | | | | | | | У | | | У | | | | | | | | Ҳ |
| А | | | | | | | Э | Т | А | Л | О | Н | | | | | | | И |
| Н | | | | | | | М | | | О | | О | | | | | | | М |
| Г | | | | | | | У | Д | А | Й | | О | | | | | | | О |
| Л | | | | | | | | И | | Х | А | М | | | | | | | Я |
| О | | | | | | | | О | Р | У | | А | | | | | | | Т |
| Х | У | Ш | Р | А | Ф | Т | О | Р | | Р | О | Д | А | | | | Р | О | К |
| | Б | | А | | А | | | И | Ш | А | | | Б | А | Р | Х | Е | | У |
| | У | | З | | Р | А | Ф | Т | | К | В | А | Р | С | | | Б | И | Н |
| А | Р | А | М | И | С | | | | | | | | | П | О | Р | У | | А |
| | | Б | | | А | | | | | | | | | | К | | С | А | Н |
| Ф | А | Р | Р | У | Х | | | | | | | | | Г | А | Р | | | Д |
| О | | Н | | М | | | | | | | | | | У | | А | Г | Р | А |
| Л | | О | | Е | | | | | | | | | | Ш | А | Ш | | И | |
| К | А | К | А | Д | У | | | | | | | | | | Т | | | Г | |
| Л | | | | | Б | | | | | | | | | М | А | Ҳ | Б | А | С |
| О | Р | И | | П | А | Й | С | А | | Р | А | Н | Г | | | А | | | А |
| Р | | Н | | | Й | | А | | Ф | | Г | | О | | | М | А | Р | Ғ |
| Ш | | С | И | Н | Д | У | Р | | А | В | А | Н | Г | А | Р | Д | | | Е |
| И | | | | | | | М | Л | Т | | Д | | | | | | | | Р |
| Н | | | | | | | О | | Ҳ | | И | | | | | | | | А |
| О | | | | | | | Х | | | Е | Р | Ш | | | | | | | М |
| С | | | | | | | У | М | А | Р | | И | | | | | | | О |
| | | | | | | | Р | | | М | И | Н | | | | | | | Н |
| | | | | | | | Д | Ю | М | А | | О | | | | | | | Д |
| Ҳ | А | М | А | Қ | И | Д | А | | | К | А | С | А | Б | Л | А | Н | К | А |

## ДИҚҚАТ!

ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 100 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.

# СУХАНИ МОНДАГОР

Саъдии ШЕРОЗӢ

*Хилофи роҳи савоб асту акси раъйи улулабоб (соҳибони ақл) дору ба гумон хӯрдан ва роҳи нодида бе корвон рафтан. Имом Ғаззолиро пурсиданд: "Чӣ гуна расидӣ бад-ин манзалат дар улум?" Гуфт: "Бад-он, ки ҳар чи надонистам, аз пурсидани он нанг надоштам".*

# ЛАТИФАҲО



Муаллими таърих аз хонанда мепурсад:
-Канӣ бигӯ, шоҳ Аббос чӣ гуна шоҳе буд.
Хонанда ҳар қадар ки фикр мекунад, ҷавоби суолро пайдо карда наметавонад ва билохира мегӯяд:
-Устод, аз қафои мурда гап задан хуб нест.

XXXX

Зане аз фермаи мурғпарварӣ 1 мурғ ва 10 хурӯс мехарад. Фурӯшанда ба ӯ мегӯяд:
-Бояд баръакс 10 мурғ ва 1 хурӯс бихарӣ.
Зан:
-Ман чӣ кор карданамро хуб медонам. Мон ақалан ҳамин мурғ лаззати ҳаётро бичашад.

XXXX

Пиразане ҳар ҳафта маблағи шаш ҳазор долларро дар суратҳисобаш изофа мекард. Баъд аз гузашти чанд вақт дар зеҳни раиси бонк саволе пайдо шуд, ки манбаи даромади пиразан куҷо бошад. Раиси бонк тасмим гирифт, ки ин саволро аз худи пиразан бипурсад. Ҳафтаи баъд вақте ки пиразан ворид бонк шуд, раис фавран ба суроғи ӯ рафт ва пурсид: "Бубахшед, метавонам пурсам, ки чикораед?" Пиразан хандиду гуфт: "Бекорам".
Раиси бонк ботааҷҷуб пурсид:
-Пас манбаи даромади шумо аз чист?
Пиразан гуфт:
-Ман сари масъалаҳои ғайримумкин шартгузорӣ мекунам.
Раис пурсид:
-Яъне чӣ тавр?
Пиразан гуфт:
-Масалан, ман бо шумо сари ҳазор долар шарт мебандам, ки фардо таҳпуши сурх мепушед. Қабул?
Раис гуфт:
-Қабул.
Фардо раиси бонк вориди бонк шуд ва пиразанро диду шимашро поин кашида гуфт:
-Бубин ман таҳпуши сиёҳ пушидам, шартро бохтед.
Пиразан ҳазор долар ба раис дод ва хандиду гуфт:
-Ин ҳазор долар ба шумо, вале ман сари сад ҳазор долар бо нафари дигаре шарт карда будам, ки фардо шими раиси бонкро мекашам.

XXXX

-Мардак, ёд дорӣ, тобистон ба шикор рафта будӣ-ку?
-Бале, ёд дорам, чӣ буд?
-Рӯбоҳи ту занг зада буд, гуфт, ки ҳомиладор шудааст.

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки аз 1-уми май то 30-юми майи солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳнияти гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани нерӯманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.*

1. АЛИЕВ ҶУМАХОН, 01.05.1939, саромӯзгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ (80-солагӣ муборак бошад!);
2. РАҲМАТОВ ДОСТӢ, 01.05.1952, саромӯзгори кафедраи иқтисод ва идора;
3. АКРАМОВА РУХШОНА, 01.05.1973, саромӯзгори кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
4. АШУРОВ КОМИЛБОЙ, 01.05.1954, муҳосиби калон, корманди шӯъбаи ҳисоб;
5. САЙФУДДИНОВ ФИРӮЗ, 02.05.1992, ассистенти кафедраи химия ва биология;
6. САЪДУЛЛОЕВА СИТОРАМО , 01.05.1977, фаррош;
7. НУРАЛИЕВА ЛАТОФАТ, 01.05.1973, фаррош;
8. ТОШМАТОВ БОТУРХОН, 02.05.1957, муҳосиби шӯъбаи ҳисоб;
9. ҶАЛИЛОВ ҒОЛИБ, 03.05.1984, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
10. МИРЗОЕВА СИТОРА, 03.05.1994, китобдори китобхона;
11. ИБРОҲИМОВ ГУРЕЗ, 03.05.1942, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика;
12. МИРЗОЕВА СИТОРА, 03.05.1994, китобдор, корманди китобхона;
13. ШАРИПОВА САИДА , 03.05.1987, фаррош;
14. ИСМОИЛОВ ҒАФФОР, 04.05.1974, мудири лабораторияи кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
15. КАРИМОВ ГАДОМАД, 05.05.1961, саромӯзгори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия;
16. АЪЗАМОВ ХУРСАНД, 05.05.1945, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
17. КАРИМОВ ИСРОИЛ, 05.05.1989, ассистенти кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими таърих (30-солагӣ муборак бошад!);
18. ҲУСАЙНОВА ФАРИДА , 05.05.1991, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
19. НАЗАРОВ МУРОДАЛӢ, 07.05.1990, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
20. ОДИНАЕВА ЗУҲРО, 07.05.1985, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия;
21. САФАРОВА ШАҲНОЗА, 08.05.1980, китобдори китобхона;
22. ҲУСАЙНОВ ДАЛЕР, 08.05.1989, ассистенти кафедраи химия ва биология (30-солагӣ муборак бошад!);
23. ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, 09.05.1939, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими он (80-солагӣ муборак бошад!);
24. СИТОРАИ АБДУРАСУЛ, 09.05.1990, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
25. ФАРХУДДИНОВ ИСУФ, 10.05.1955, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
26. САФАРОВ АМИРАЛӢ, 10.05.1957, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия;
27. НОСИРОВ НОСИР, 10.05.1990 , ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
28. ОДИНАЕВА АДИБА , 10.05.1989, фаррош (30-солагӣ муборак бошад!);
29. МАҲМУДОВ БАҲРИДДИН, 11.05.1971, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия;
30. ШОМАДОВА ФАРАНГИС, 12.05.1994, китобдор, корманди китобхона;
31. СУЛАЙМОНОВ УБАЙДУЛЛО, 12.05.1992, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
32. РАҲМОНОВ ШАРБАТ, 12.05.1952, омӯзгори кафедраи математика ва методикаи таълими он;
33. ҲУСЕЙНОВ РУҲУЛЛО, 12.05.1989, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он (30-солагӣ муборак бошад!);
34. ҚУРБОНОВ БОЗОР, 12.05.1943, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
36. БОБОЕВА СИТОРА, 13.05.1995, коргузори факултаи молиявию иқтисодӣ;
37. ХОҶАЕВ ИСРОИЛ, 14.05.1993, ассистенти кафедраи химия ва биология;
38. ТЕШАЕВ МИРЗОШАРИФ ,14.05.1986, ассисенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия;
39. ЛУТФИЯИ ҶУРАХОН, 15.05.1992, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
40. САНГИМАДОВ ФАРРУХ, 15.05.1979, саромӯзгори кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он (40-солагӣ муборак бошад!);
41. БОБОХОНОВА ФОТИМА, 15.05.1972, муҳосиби калон, корманди шуъбаи ҳисоб;
42. ГУЛОВА ГУЛҶАҲОН, 15.05.1972, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он;
43. ҒАРИМАДОВ ҒУЛОМ, 15.05.1959, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он (50-солагӣ муборак бошад!);
45. ФАРМОНОВА ГУЛБАҲОР, 15.05.1982, фаррош;
46. МӮСОЕВА ҶАМОЛБӢ, 16.05.1965, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
47. ШАРИПОВ АЛАМШО, 17.05.1980, саромӯзгори кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
48. ҒУЛОМОВ ЗИКРУЛЛО, 17.05.1993, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
49. УСМОНОВ АСКАР, 18.05.1976, посбон;
50. ҶАҲОНГИР РУСТАМШО, 18.05.1988, сармуҳаррири рӯзномаи "Анвори дониш";
51. ҲОФИЗОВ АЛИШЕР, 18.05.1988, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
52. САМАДОВ ТОҶИДДИН, 20.05.1986, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;
53. МИРЗОЕВ ҒОИБ, 20.05.1944, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
54. МУРОДОВ РИЗО, 19.05.1990, ассистенти кафедраи менеҷмаент ва маркетинг;
55. УМЕДҶОНИ ДАВЛАҲМАДЗОДА, 20.05.1990, муҳосиб, корманди шуъбаи ҳисоб;
56. ДАВЛАТБЕКОВ АКИМБЕК, 20.05.1987, ҷонишини мудири кафедраи математика ва методикаи таълими он;
57. ТОИРОВ ШЕРМАД, 20.05.1963, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
58. АМИРХОНОВА МАНЗУРА, 20.05.1989, фаррош (30-солагӣ муборак бошад!);
59. ХОҶАЕВА ХАЙРӢ, 21.05.1965, фаррош ;
60. НАЗИРМАДОВА МАЙДАМО, 22.05.1973, фаррош;
61. СИРОҶОВА ТАХМИНА, 31.05.1981, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
62. БОБОХОНОВА МОҲСАФАР, 22.05.1969, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он (50-солагӣ муборак бошад!);
63. МИРСАИДОВА САФАРМО, 23.05.1968, фаррош;
64. НИЁЗОВ ШОКИР, 24.05.1980, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
65. ҚОСИМОВА САФАРГУЛ, 25.05.1965, фаррош;
66. ШАФИЕВА ТОБОНБӢ, 29.05.1966, ассистенти кафедраи забони ҳозираи рус;
67. ҶОБИРОВ ШОКИРҶОН, 29.05.1991, докторанти кафедраи таърих, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ;
68. ШАРИФОВА ЗАМИРА, 29.05.1976, лабаранти калони кафедраи математика ва методикаи таълими он;
69. АФИЗОВ СУҲРОБ, 30.05.1988, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

КАРИМОВ САМАРИДДИН, доктори илмҳои химия, профессор, Узви пайвастаи АМТ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, доктори илмҳои фалсафа, профессор

ҶУМЪАХОН АЛИМӢ, доктори илмҳои филологӣ, профессор

ХОЛИҚОВ САФАР, номзади илмҳои химия

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ЗАФАР МИРЗОЁН, ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО

КОТИБИ МАСЪУЛ:
ГАДОМАД ЗУЛФИЕВ

САҲИФАБАНД:
МУНИСА КАРИМОВА

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-16-75-69; 981-00-02-19